# ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Бюллетени ахборотӣ-таҳлилии ҳар семоҳа

Лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумотнокии
ҳуқуқӣ тавассути ВАО дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»

**Нашри № 3** [октябр-декабри соли 2009]




Иттиҳоди
Аврупо

Намояндагии институт оид
ба тавзехи чанг ва сулх

## *Хонандагони гиромӣ!*

Дар нашри навбатии сеюми бюллетени хабарию таҳлилии мо ба диққати Шумо хабарҳои навро оид ба фаъолияти лоиҳа, ҳамчунин мақолаҳоеро, ки мушкилоти ҳуқуқҳои инсонро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дарбар мегиранд, пешкаш мегардад. Нашри мазкур ба мушкилоти ҳуқуқии гурӯҳҳои гуногуни синну солӣ ва иҷтимоии ҷомеа равшанӣ меандозад.

Бюллетен дар доираи лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Институти Бритониёвӣ оид ба инҷилои ҷанг ва сулҳ бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо амалӣ мегардад, нашр мегардад. Яке аз мақсадҳои асосии лоиҳа ин баландбардории сатҳи маълумотнокии ҷомеа оиди вазъи баамаломада дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои осиёимарказӣ мебошад. Айни ҳол, ин лоиҳа заминаи гуфтугӯиро дар ҳалли мушкилоти дастрасии кӯдакон барои гирифтани маълумот дар Қирғизистон, афзоиши ҳодисаҳои худкушӣ дар Тоҷикистон, масъалаи озодии сухан дар Қазоқистонро фароҳам меорад. Дигар самти фаъолияти лоиҳа ин омӯзонидани намояндагони ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар масъалаҳое, ки ба алоқа бо ҷамъият, баҳамтаъсиррасонӣ бо васоити ахбори омма ва гузаронидани тренингҳо барои рӯзноманигорон дар соҳаи меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқҳои инсон ва қонунгузории миллӣ дар ин доира мебошад.

Ҳамзамон IWPR фаъолияти худро бомуваффақият дар Аврупо, Афғонистон, Эрон, Ироқ, Сирия, Филлипин, Уганда, Африқои Шимолӣ, Зимбабве, Қафқоз ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ амалӣ мегардонад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ IWPR фаъолияти худро аз соли 1999 бомуваффақият амалӣ мегардонад ва дар ин муддат Институт ба роҳ мондани робитаи конструктивиро бо секторҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва медиа сохторҳо муваффақ гаштааст.

IWPR яке аз нахустин шуда бо рӯзноманигорони маҳаллӣ ҳамкорӣ намуда, ба онҳо барои пайдо намудани алоқа бо ҳамкорони хориҷӣ кӯмак намудааст. Минбаъд ин ҳамкорӣ шакли муносибатҳои зичро гирифт. Чунин корбарӣ боиси пайдошавии муносибатҳои нав, мубодилаи афкори доимӣ, дониш ва малакаҳо гашт. Натиҷаи он, ба монеаҳои забонӣ ва гуногунфикрӣ нанигариста, пайдошавии бисёр мақолаҳои ҳамҷоя дар сомонаи www.iwpr.net гаштааст. Ба шарофати ин кор, IWPR дар равшанкунии масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон, демократия ва дигар мавзӯъҳои мухолифатангез саҳми арзандаеро гузошт.

Дар ҳар як шумора мо кӯшиш менамоем, шуморо бо фаъолияти лоиҳа, ҳодисаҳои алоҳидаи вайронкунии ҳуқуқҳои инсон дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон шинос намуда, ҳамчунин воқеъбинона асли ҳолро дар кишварҳои минтақа нақл намоем.

# ДАР ШУМОРА: Навигариҳои лоиҳа


03 МУСОҲИБАИ АКТУАЛӢ

11 ИНДЕКСИ ОЗОДИИ СУХАН, КИ АЗ ҶОНИБИ «ХАБАРНИГОРОНИ БИДУНИ САРҲАД» ТАРТИБ ДОДА ШУДААСТ

18 ҚАЗОҚИСТОН

**Қонуни нав дар бораи махфияти ҳаёти шахсӣ метавонад фишороварирo ба озодии сухан афзун гардонад**
*Ба гуфтаи ҳуқуқҳифзкунандагоне, ки ҳуқуқҳои ВАО-ро ҳимоя мекунанд, қонуни нав имкониятҳои рӯзноманигоронро барои кушодани далелҳои нохушоянд ба ҳукуматро маҳдуд мегардонад.*

**Ғуломдорӣ дар шарқи қазоқистон «расм мешавад»**
*Бесарпаноҳонро дуздида, маҷбур месозанд то чун ғулом кор кунанд.*

22 ҚИРҒИЗИСТОН

**Ҷинояткории ноболиғон барои макотиби Қирғизистон мушкилии ҷиддӣ шудааст.**
*Ба гуфтаҳои коршиносон, наврасони қонуншикан бисёр вақт он чиро ки дар атроф мебинанд, такрор менамоянд.*

25 ТОҶИКИСТОН

**Тоҷикистон: пиронсолон барои зинда мондан мубориза мебаранд**
*Нафақапулиҳои хурд ва маоши паст сабаби он мегарданд, ки аксари одамони пиронсол дар хунукӣ ва гуруснагӣ умр ба сар мебаранд.*

**Мушкилоти ёфтани кор барои занҳои аз маҳбас озодшуда**
*Камбизоатӣ ва муносибати ҷомеа ба занони маҳбасшуда, ки ин далелро шармандагӣ меҳисобад, сабаби шумораи зиёди маҳкумшавии дуюмбора байни заноне, ки аз маҳбасхонаҳо озод шудаанд, мегардад.*

29 ӮЗБЕКИСТОН

ҲУҚУҚҲИМОЯТГАР ЯК СОЛ КАМТАР ДАР МАҲБАС МЕШИНАД

30 ТУРКМАНИСТОН

БАРОИ ҲУҚУҚҲИМОЯТГАРОН ДАР ТУРКМАНИСТОН ҲОЛО ҶОЙ НЕСТ

# НАВИГАРИҲОИ ЛОИҲА

**Мизи мудаввар дар мавзӯи «Ташаббусҳои Интернетии ҳифзиҳуқуқӣ ва рӯзноманигории он-лайн (бархат) дар Осиёи Марказӣ»**

*24 ноябри соли 2009 дар шаҳри Бишкек мизи мудаввар дар мавзӯи «Ташаббусҳои Интернетии ҳифзиҳуқуқӣ ва рӯзноманигории он-лайн (бархат) дар Осиёи Марказӣ» баргузор гашт.*

Дар доираи мизи мудаввар иштирокчиён аз Қазокистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон доир ба сатҳи озодии сухан ва Интернет дар минтақаи осиёимарказӣ табодули назар намуда, вазъи умумии минтақа ва кишварҳоро ҷудогона дар ин доира муҳокима намуданд. Тибқи нишондодҳои омории Internet World Stats (www.internetworldstats.com) то моҳи сентябри соли 2009 сатҳи дастрасшавии Интернет дар Осиёи Марказӣ чунин аст:



**Қазоқистон – 14,9%**



**Қирғизистон – 15,6%**



**Тоҷикистон – 8,2%**



**Туркманистон – 1,5%**



**Ӯзбекистон – 8,9%.**



Ҳамчунин коршиносон дар хусуси ташаббусҳои ҳифзиҳуқуқӣ дар Интернет нақл карда, доир ба қарорҳои навоварона ва эҷодкорона дар роҳи паҳн намудани маълумот мубодилаи афкор намуданд.

Ба иштирокчиён пешкаш карда шуд, ки самтҳоиояндадори рушди рӯзноманигории бархатро дар Осиёи Марказӣ ва вобаста ба ин мушкилиҳои мавҷудбудаи ин ҷодаро муҳокима намоянд.
Бо назардошти афзоиши нақши Интернет ҳамчун шабакаи асосии коммуникатсионӣ дар дохил ва беруни кишварҳои минтақа, тавсияҳои додашуда метавонанд сарчашмаи актуалӣ ва муфиди ғояҳо ва лоиҳаҳо гарданд.

Иштирокчиёни мизи мудаввар – наояндагони мақомоти давлатӣ, рӯзноманигорон, вакилони парлумон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқии Осиёи Марказӣ буданд. Ҳангоми баромад дар мизи мудаввар, коршинос аз Қазоқистон, мудири шӯъбаи тадқиқотҳои иҷтимоию иқтисодии Институти тадқиқоти стратегии назди президенти Қазоқистон Антон Морозов қайд намуд, ки дар қатори мушкилиҳои асосии барои рушди фазои интернетӣ монеъшаванда дар Қазоқистон ин гаронии истифодабарии Интернет, инкишофи сусти инфраструктурӣ, набудани шумораи кофии захираҳои материалӣ, сатҳи пасти рӯзноманигорӣ ва набудани сомонаҳои мустақил мебошад. Ин нишондодҳои тадқиқоти иҷтимоиро дар Қазоқистон Агентии «Эпитсентр» гузаронидааст.

Тамоюли асосии вазъи кунунии Интернет дар Тоҷикистон ин сатҳи пасти ҷоришавии Интернет дар ташкилотҳои рӯзноманигорӣ, норасоии мутахассисон дар соҳаи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Дар ин бора дар суханронии худ раиси Ассотсиатсияи мустақили ВАО-и Тоҷикистон Нуриддин Қаршибоев ёдовар шуд. Ӯ қайд намуд, ки рӯзноманигории бархат дар Тоҷикистон қариб се-чор сол пеш пайдо шуда, айни ҳол ак-

сари рӯзноманигорони бархати ҷумҳурӣ худомӯз ҳастанд. Бинобар ин, ба ақидаи ӯ, чи дар Тоҷикистон ва чи дар дигар кишварҳои манотиқ гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ доир ба хусусиятҳои корбарии рӯзноманигорон дар Интернет зарур аст.

Тошпӯлот Юлдошев, сиёсатшинос доир ба Ӯзбекистон қайд намуд, ки аз ҷиҳати муҷаҳаззшавӣ бо компютер Ӯзбекистон ҳатто аз кишварҳои камбизоати Африқо ақиб мемонад. 90% аҳолӣ бо сабаби гаронии он ва вазъи бади моддӣ компютери шахсӣ надорад, ки ин яке аз монеъаҳо барои рушди Интернет дар Ӯзбекистон мебошад.

Коркарди чораҳои самаранок оид ба баландбардории самаранокии захираҳои иттилоотӣ дар намуди тавсияҳо ба ҳукуматҳои давлатҳои осиёимарказӣ, иттиҳодияҳои рӯзноманигорӣ ва бахши шаҳрвандӣ, мақсади асосии чорабинӣ гашт.

Ба ҳукуматҳои кишварҳо пешниҳод карда шуд, ҳангоми қабули чораҳои қонунгузорӣ ва батанзимдарорӣ дар соҳаи Интернет, рӯзноманигории бархат фикри тамоми ҷомеа ба назар гирифта шуда, барои баландбардории дастрасии аҳолӣ ба Интернет, инчунин маълумотнокии он дар масоили ҳуқуқӣ, сатҳи маълумотнокии компютерӣ ва Интернет кор бурда шавад.

Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ақида доранд, ки ба онҳо муттаҳид сохтани тамоми кӯшишҳои ташкилотҳои ҳифзиҳуқуқии кишварҳои минтақа тавассути Интернет, бо мақсади пешбурди маълумотнокии аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон лозим аст. Ҳамчунин лозим аст, ки рӯзноманигорон, намояндагони ТҒҲ, ҳуқуқҳифзкунандагон ва аудиторияҳои мақсадноки онҳоро бо технологияҳои Ин-

**Тавсияҳои иштирокчиёни мизи мудаввари минтақавии «Интернет-ташаббусҳои ҳуқуқҳифзкунандагон ва рӯзноманигории бархат дар Осиёи Марказӣ».**

*Иштирокчиёни мизи мудаввар, ҳуқуқҳимоятгарон, рӯзноманигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ рушди соҳаи Интернетро муҳим шуморида, чунин тавсияҳо медиҳанд:*

*<u>Ба Ҳукуматҳо ва роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, Парлумонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ:</u>*

*-ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳо ва батанзимдарорӣ дар соҳаи Интернет, рӯзноманигории бархат ақидаи аҳли ҷомеа ба назар гирифта, пеш аз ҳар як чорабиниҳо пурсишҳо ва тадқиқотҳо гузаронида шаванд;*

*-барои баландбардории сатҳи дастрасии аҳолӣ ба Интернет, маълумотнокии онҳо доир ба ҳуқуҳои инсон, инчунин сатҳи дониши компютерӣ ва Интернетӣ тадбирҳо андешида шаванд;*

*- танзими давлатии Интернет-захираҳо тавассути ташкил намудани шароитҳои мусоид барои рушди бозор ва ташаббусҳои хусусӣ маҳдуд карда шавад;*

*-тартиб додани сиёсати фискалӣ нисбати Интернет-провайдерон ва дигар иштирокчиёни бозор, ки ба паст намудани арзиши ТИК ва Интернет-хизматрасониҳо барои истеъмолгарон нигаронида шавад.*

*<u>Ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ:</u>*

*-тамоми имконоти технологияҳои Интернетӣ барои баланд бардоштани маълумотнокии аҳолӣ дармасъалаҳои ҳуқуқҳои инсон фаъолона омӯхта ва истифода бурда шаванд;*

*-базаи универсалӣ ва кушодаи таҷрибаҳои беҳтаринро дар соҳаи лоиҳаҳои интернетии ҳифзиҳуқуқӣ таъсис диҳанд;*

*-кӯшишҳои ташкилотҳои ҳифзиҳуқуқии кишварҳои минтақа тавассути Интернет бо мақсади пешбарии маълумотнокии аҳолӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон муттаҳид карда шаванд;*

*-рӯзноманигорон, намояндагони ТҒҲ-ҳо, ҳуқуқҳифзкунандагон ва аудиторияҳои мақсадноки онҳо фаъолона бо Интернет-технологияҳо, корбарии блогҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин услубҳои навини бехатарии ахбор ва ғайраҳо омӯзонида шаванд;*

*-технологияҳои мобилӣ ҳамчун воситаи иловагии дастрассозии ахбори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим пеш бурда шавад;*

*-рӯзноманигории бархат ва лоиҳаҳои интернетиро ҳамчун яке аз афзалиятҳо дар барномаҳо ва лоиҳаҳои худ ҷой диҳанд.*

*<u>Ба ВАО:</u>*

*-масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон дар Интернет захираҳо фаъолона ва ба таври систематикӣ инъикос карда шаванд;*

*-усулҳои таҳаммулпазирӣ, воқеъбинӣ, саҳеҳият, тавозун ва холисият, инчунин ҳуқуқҳои муаллифон дар рӯзноманигории бархат риоя карда шуда, барои маълумоти пешкашшуда масъул бошанд;*

*-меъёрҳои ахлоқӣ (Netикет) дар тамоми маводҳои тавассути Интернет паҳншаванда риоя карда шаванд.*



# ТРЕНИНГ БАРОИ ТРЕНЕРОН

*20-21 ноябри соли 2009 дар ш. Алмато барои тренерон тренинг бо иштироки намояндагони ТҒҲ-ҳои ҳуқуқҳифзкунанда ва рӯзноманигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ гузашт.*
*Тренинги мазкур дар доираи лоиҳаи Институти инҷилои ҷанг ва сулҳ (IWPR)/ Иттиҳоди Аврупо «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқӣ тавассути васоити ахбори омма дар Осиёи Марказӣ» гузаронида шуд.*

тернет, корбарии блогҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, усулҳои навини бехатарии ахбор ва дигар масъалаҳо фаъолона омӯзонанд.

Дар навбати худ, иштирокчиёни мизи мудаввар ба васоити ахбори омма оиди истифодабарии усулҳои таҳаммулпазирӣ, воқеъбинӣ, саҳеҳият, тавозун ва холисият, инчунин риоя намудани ҳуқуқҳои муаллифон дар рӯзноманигории бархат, масъулиятбарӣ барои ахбори пешкашшуда, риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ (Netикет) дар кулли маводҳои дар Интернет паҳншаванда тавсияҳо намуданд.

*Иштирокчӣ аз Ӯзбекистон: «Тренинг бисёр шавқовар гузашт. Умедвор ҳастам, ки он зинаи якум барои омодасозии тренерон барои иттиҳоди рӯзноманигорони кишварҳои Осиёи Марказӣ мегардад. Тренинг дар фазои аълои корӣ гузашт».*
*Флюра Нодирова, намояндаи ОСЗН дар Қиргизистон: «Фаҳмондадиҳии шавқовар ва дастрас, маводҳои хуби тақсимшуда, таҷрибаи иштирокчиён аз кишварҳои гуногуни Осиёи Марказӣ захираи донишҳои маро боз ҳам ганӣ гардониданд».*
*Яна Бачевская, рӯзноманигор аз Талдиқурғон (Қазоқистон): «Дар тренингҳо чандин бор иштирок кардаам, вале тренинги мазкур бо пурагӣ ва мукаммалии худ хурсанд намуд. Мавзӯъҳои муҳокимашуда ва маводҳои пешкашшуда аҳмияти калони таҷрибавӣ доранд. Стратегияҳои нав зиёд буданд».*
*Мурод Сотиев – иштиркочӣ аз Тоҷикистон, мукаммал будани тренингро аз машғулиятҳои таҷрибавӣ, истифодабарии шаклҳои гуногуни корбарӣ бо аудитория, инчунин шумораи зиёди маводҳои тақсимшаванда, ки имконияти мустаҳкам намудани донишҳои пайдокардаро фароҳам меоваранд, қайд намуд.*

Дар кори тренинг лексияҳои хурд ва муҳокимаҳои умумигурӯҳӣ, корбарӣ дар гурӯҳҳо ва ҷуфтҳо, таҷрибабардорӣ бо алоқаи баргарданда, машғулиятҳои таҷрибавӣ ва бозиҳо, истироҳат бо мубодилаи афкор, худташхискунӣ истифода бурда шуд.

Иштирокчиён минбаъд ба як қатор чорабиниҳои тренингӣ даъват карда мешаванд, ки онҳо атрофи сиёсати информатсионӣ барои ташкилотҳои ҳуқуқӣ, коркарди стратегияҳои фарогири ҷомеавӣ ва омодасозии бомуваффақияти хабарҳо, навиштани пресс-релизҳо ва омодасозии хабарҳои сарашуда, стандартҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ ва равшанкунии ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои инсон барои рӯзноманигорон, гузаронидани гузоришҳои тадқиқотӣ ва махсус доир ба ҳуқуқҳои инсон, гузаронида мешаванд.

Ҳамчун тренер Вячеслав Абрамов, Директори Маркази байналхалқии рӯзноманигории MediaNet (Қазоқистон), тренери медиа-мактаб, ки зиёда аз 80 тренинг гузаронидааст, даъват шуда буд. Вячеслав ҳамчунин сармуҳаррири сомонаи ҳуқуқҳифзкунандаи Voice of Freedom Central Asia www.vof.kg мебошад.

## ЛЕКСИЯИ «ҲАМБАСТАГИИ ҲУҚУҚҲО ВА ОЗОДИИ ИНСОН ДАР ИСЛОМ БО ҲУҚУҚҲО ВА ОЗОДИИ УНИВЕРСАЛИИ ИНСОН ДАР ОЛАМИ МУОСИР»

*16 декабри соли 2009 дар Донишгоҳи гуманитарии Бишкек лексияҳои кушодаи доктори сиёсатшиносӣ ва тадқиқотҳои исломӣ Қодир Маликов дар мавзӯи: «Ҳамбастагии ҳуқуқҳо ва озодии инсон дар ислом бо ҳуқуқҳо ва озодии универсалии инсон дар олами муосир» баргузор гашт.*

*Лексияи кушода дар доираи лоиҳаи Институти инҷилои ҷанг ва сулҳ (IWPR) «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқшиносӣ тавассути васоити ахбори омма дар Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблаггузорӣ мешавад, гузаронида шуд.*



«Омӯзиши консепсияи ҳуқуқҳо ва озодии инсон ва татбиқи он бо консепсияи муосири ҳуқуқҳои инсон имкон медиҳад муайян созем, ки кадом ҳуқуқҳо ва озодиҳо универсалӣ ҳастанд ва кадом ҳуқуқҳо ва озодиҳо метавонанд хусусияти ин ё он ҷомеаро аз нуқтаи назари анъанаҳо, фарҳанг, дин ва расму оин ба назар гиранд», - оғоз кард сухани худро ҷаноби Маликов.

«Он далел, ки ислом назар ба дигар динҳои олам бо давлат ва ҳуқуқ бештар алоқамандӣ дорад, баҳснопазир аст. Дар худи ниҳоди ислом саравваал асосҳои сохтори ҷомеа гузошта шуда буданд. Ин дар навбати худ ба ташкили давлатдории исломӣ оварда расонид, ки дар маркази он ҳуқуқи исломӣ ҷойгир буд».

Зимни суханҳои доктор Қ. Маликов «рамзгузории алоҳидаи меъёрҳои ҳукуқҳои инсон дар ҳуқуқи мусулмонӣ вуҷуд надорад. Ба ҳар ҳол ҳуқуқҳои инсон қисми асосии модели сиёсии исломро ташкил медиҳанд.

Меъёрҳои ҳуқуқҳои инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқии мусулмонӣ, ба монанди Қуръон ва Суннат, омадаанд.

«Масалан, дар Қуръон ояте ҳаст, ки дар он гуфта шудааст: «Ай одамон, мо шуморо офаридем ҷинси мард ва зан, ба қавмҳо ва халқҳо ҷудо кардем, ки шумо ҳамдигарро шиносед, вале аз ҳама арзандатарини шумо онҳоеанд, ки худотарсанд». Дар асоси ин оят мафҳуми ҳуқуқии баробарӣ байни мард ва зан ва ҳамчунин баробарии қавмҳо ва халқҳои гуногун сохта мешавад. Ва аз ояти зерин: «Имон маҷбурӣ нест», ҳуқуқҳои озодии интихоби дину диндорӣ бармеояд».

«Ҷамъоварии тамоми меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, ки масоили ҳуқуқҳои инсонро танзим менамояд, нисбатан ба наздик рӯй дод, вақте соли 1981 бо ташаббуси Шӯрои исломии Аврупо Эъломияи умумии исломии ҳуқуқҳои инсон қабул шуда буд. Дар сатрҳои аввалини ин эъломия оид ба ҳуқуқи ҳаёт, озодӣ, баробарӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва озодии имон иброз мешавад, ки аз Қуръон ва Суннат бармеоянд. Ин ва боз дигар моддаҳои Эъломияи умумии исломии ҳуқуқҳои инсон шабеҳи эъломияи ғарбии ҳуқуқҳои инсон мебошанд».

Доктор Қ. Маликов изҳор намуд: «Ҳангомитаҳлилисозишномаҳои ҳуқуқҳои инсон дар ислом, бояд қайд кард, ки созишномаҳои зерин як қатор камбудиҳо доранд. Асосаш он аст, ки амалигардонии пурраи он дар таҷриба имконнопазир аст. Инро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки аксари давлатҳои араб дар миёнаи асри XX аз ҳуқуқи исломӣ ҳамчун шакли асосии ҳуқуқ даст кашиданд ва дигар кишварҳои пурра исломӣ набуданд. Маҳз барои ҳамин имрӯз мо метавонем мушоҳида намоем, ки баъзе кишварҳое, ки исломӣ шуморида мешаванд, худ қоида ва қонунҳои исломро вайрон месозанд. Мутаассифона, ин аст ҳақиқати кунунӣ».

«Чунин механизме, ки кафолати иҷроиш ва ҳифзи принсипҳои исломиии ҳуқуқҳои инсонро диҳад, вуҷуд надорад. Системаи арзкунӣ ба зинаҳои болоӣ ё ба кишварҳои пешрафтаи олами ислом дар ҳоли вайронкунии ин ҳуқуқҳо низ вуҷуд надорад».

Дар хотимаи лексияҳо шунавандагон ба лектор саволҳо медоданд. Бояд қайд кард, ки мавзӯъи саволҳои додамешуда нисбатан васеъ буда, аз доираи худи лексия тез-тез берун мебаромаданд. Масалан, ба як донишҷӯ фаҳмидани фарқият байни салафиён ва ваҳҳобиён шавқангез буд. Дигар донишҷӯ мехост омили таърихии инқилоби исломиро дар Эрон барои худ равшан намояд. Ҳамчунин онҳо мехостанд фаҳманд, ки маросими хатна, ки ба урфу одатҳои

мусулмонӣ ва яҳудӣ хос аст, оё поймолкунии ҳуқуқҳои кӯдак аст ё не, инчунин масоили хиёнати ҳамсарон дар ислом чи гуна ҳал меёбад.
Яке аз масоили душвор ба ақидаи худи лектор, масъалаи он ки чи гуна механизмро бояд истифода бурд, то ҳуқуқҳои инсон, ки дар Эъломияи умумии исломии ҳуқуқҳои инсон навишта шудаанд, пурра амалӣ гардонида шаванд.

Директори Намояндагии Институти инҷилои ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Қирғизистон Эрлан Абдилдаев чунин мешуморад, ин гуна лексияҳо ба одамон имкон медиҳанд, ки дар бораи ҳуқуқҳои инсон аз ҳар гуна ҷиҳатҳо бештар маълумот дошта бошанд. Ва имконияти саволу ҷавоб кардан ба лектор натанҳо гуфтугӯро зинда мегардонад, балки андешаи одамонро дар мавзӯи мазкур равшан менамояд.

Бояд қайд кард, ин лексияи кушодаи сеюм аст, ки аз ҷониби IWPR дар Қирғизистон дар доираи лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқшиносӣ тавассути ВАО дар Осиёи Марказӣ», ки Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мекунад, ташкил намудааст.

Қодир Маликов унвони доктори сиёсатшиносӣ ва тадқиқотҳои исломӣ (Донишгоҳи Мадрид, департаменти тадқиқотҳои арабӣ, исломӣ ва осиёимарказӣ) дошта, хатмкардаи бахши Ҳуқуқи исломии Донишгоҳи миллии Урдун (Салтанати ҳошимии Урдун) мебошад ва дар он ҷо унвони магистрро гирифтааст. Ҳамчунин ӯ курси махсуси конфликтологияро дар Маркази бехатарӣ ва робитаҳои байналхалқии донишгоҳи Complutense de Madrid (Испания) гузашта, муаллифи як қатор мақолаҳои илмӣ ва таҳлилӣ оид ба масоили ислом мебошад.

## ЛЕКСИЯИ «ҲУҚУҚИ ИНСОН: НАМУНАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ»


ИШЕНБАЙ АБДУРАЗАКОВ

*11 ноябр, дар Донишгоҳи Қиргизӣ-Русиву Славянӣ (ДҚРС) дар Бишкек, лексияи кушода дар мавзӯъи «Ҳуқуқҳои инсон: намунаи байналхалқӣ» шуда гузашт. Лексияро Институти инҷилои ҷангу сулҳ (IWPR) дар доираи лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқшиносӣ тавассути ВАО дар Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблаггузорӣ мешавад, баргузор намуд.*

Лектор – доктор Ишенбой Абдураззоқов – ба донишҷӯёне, ки муносибатҳои байналхалқиро меомӯзанд, мухтасар дар бораи раванди таърихии ташаккулёбии системаи ҳуқуқҳои инсон нақл намуд. Инчунин ӯ дар бораи имконияти дар таҷриба амалигардонии ин меъёри «ғарбии» рушди сиёсӣ ва иҷтимоиро дар Осиёи Марказӣ суханронӣ намуд.

Ҳамчун таърихшинос, Ишенбой Абдураззоқович, чунин мешуморад, ки ин масъаларо бе дарки он ки тамоми одамон ҷузъи як ҷараёни ҷаҳонии инкишофи ҷомеаи инсонӣ мебошанд, ғайриимкон аст. Инҷо шояд ғояи асосӣ пинҳон аст, ки лектор ҳангоми муҳокима чандин бор ба он бармегашт. Таърих бисёр намуна ва ҳодисаҳоеро ёд дорад, ки ҳар кас ҳангоми мулоҳизаронӣ дар ин мавзӯъ бояд дар хотир дошта бошад. Албатта, ҳар як ҳодиса хусусияти худро дорад, вале ин маънӣ надорад, ки дарсҳои наслҳои гузашта ба мо намунаи ибрат нестанд. Доктор Абдураззоқов бе духӯрагӣ бобати зарурияти пешбарии озодиҳои ҳуқуқӣ ва рушди демократия дар манотиқи осиёимарказӣ изҳори ақида намуд.

Ӯ чунин мешуморад, ки ҳамаи корҳо дар ин самт бояд омилҳои фарҳангӣ, урфу одат ва раванди таърихии ҳар як давлати алоҳидаро дар назар гиранд. Ба ақидаи ӯ, ба ҳисоб нагирифтани мавҷудияти ҷараёнҳои тӯлонии таърихии инкишофи кишварҳо ва бемулоҳиза ворид сохтани як барномаи бегонаи инкишофи ҳуқуқҳои инсон ва демократикунонии кӯтоҳмуддат номумкин аст. Инҷо ҳамчун намуна кишварҳои Аврупои ғарбиро овардан мумкин аст, вақте ҷараёни ташаккулёбии «системаи демократии» мазкур марҳила ба марҳила инкишоф ёфта, ба ду аср тӯл кашид. Аз дигар тараф, доктор Абдураззоқов диққати шунавандагонро барои зарурияти дастгирӣ намудани фаъолияти ташкилотҳои байналхалқие, ки дар масоили пешбарии меъёрҳои демократӣ дар Осиёи Марказӣ кӯмак расонида метавонанд, ҷалб намуд. Шаҳрвандони кишварҳои ин

манотиқ дар гузаронидани интихоботи кушода ва шаффоф ва дар рушди васоити ахбори оммаи мустақил рӯирост манфиатдор ҳастанд. Дар ин ҷода ба онҳо кӯмаки худро чунин ташкилотҳо ба монанди САҲА ва як қатор ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ки дар ин минтақа фаъолият доранд, расонида метавонанд.

Дар хотима, лектор қайд намуд, ки дар ҳалли масоили мубрами муҳокимашуда, вобаста ба ҳуқуқҳои инсон дар Осиёи Марказӣ, бояд ҳамчунин насли ҷавон ҷалб карда шавад. Ҷавонон низ барои рушди маънавӣ ва ҳуқуқии кишвари худ ҷавобгӯ ҳастанд.

## ЛЕКСИЯИ «ТАШАББУСҲОИ ҲИФЗИҲУҚУҚ ДАР ИНТЕРНЕТ ВА РӮЗНОМАНИГОРИИ БАРХАТ»

*17 декабри соли 2009 дар Донишгоҳи Россиягӣ-Тоҷикистонӣ (славянӣ) лексияи кушода дар мавзӯи «Ташаббусҳои ҳифзиҳуқуқ дар интернет ва рӯзноманигории бархат» шуда гузашт.*




Ҳамчун лектори ин чорабинӣ директори Фонди Ҷамъиятии «Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати интернет» Муҳаммадӣ Ибодуллоев баромад кард.

Лексия дар доираи лоиҳаи Институти инҷилои ҷангу сулҳ (IWPR) «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқӣ тавассути ВАО дар Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад, гузаронида шуд. Ин чорабиниро IWPR дар якҷоягӣ бо Донишгоҳи Русӣ-Тоҷикӣ (славянӣ) ташкил намуд.

Вазифаи асосии лексия – шарҳи имконоти баландбардории маълумотнокии аҳолӣ оиди ҳуқуқҳои инсон ва ҳифзи онҳо тавассути Интернет, инчунин рӯзноманигории бархат буд.

Ба ақидаи Муҳаммадӣ Ибодуллоев, дар Тоҷикистон имкониятҳои васеъ барои амалигардонии ташаббусҳои ҳифзиҳуқуқ тавассути истифодабарии Интернет мавҷуд ҳастанд, ки айни замон минбари озодтар ва дастраси умум барои демократия мебошад. «Рӯз то рӯз бештари ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон сомонаҳои худро таъсис медиҳанд ва дар онҳо ҳисоботи худ, маълумотҳои таҳлилӣ ва дигар ахбори муфид, инчунин маводҳои омӯзиширо ҷойгир менамоянд. Дар Тоҷикистон дар доираи лоиҳаҳои худ фаъолияти фаъолонаро дар ин самт чунин ташкилотҳо ба монанди Бюро оид ба ҳуқуқҳои инсон, НАНСМИТ, ТҶ «Хома», Интернюс Нетворк ва ҳамчунин блогнависони алоҳида мебаранд», - изҳор намуд Ибодуллоев. Дар баробари ин, ба гуфтаи ин сухангӯ, дар Тоҷикистон сабабҳои ҷиддии маҳдудияти имконоти васеъи истифодабарии Интернет барои ҳуқуқҳифзкунандагон вуҷуд доранд.

«Танҳо барои 15% аҳолии кишвар Интернет дастрас аст. Мувофиқан, аудиторияи хонанадгон начандон калон аст. Ғайр аз ин, қисми зиёди аудиторияи шабака – ин ҷавононе, ки барои даромадан ба сомонаҳои табъхушкунанда ва шабакаҳои иҷтимоӣ шавқманд ҳастанд, мебошанд», - гуфт Ибодуллоев.

Дар қисми хотимавии лексияи ҷамъиятӣ лектор ба саволҳои донишҷӯён ҷавоб дод.

Дар бораи лектор: Муҳаммадӣ Ибодуллоев, директори Фонди ҷамъиятии Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати Интернетӣ. Вазифаи асосии ташкилот мусоидат намудан барои қабули актҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва чаҳорчӯбаҳои танзимкунанда, ки инкишофи Интернети кушода, дастрас, демократӣ, ғайримарказонидашуда, ба тариқи бозорӣ идорашаванда ва аз ҷониби истифодабарон назорат шаванда, мебошад.

# ЛЕКСИЯИ «МЕҲНАТ ВА ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКОН»

*22 декабр дар ш. Кӯлоби вилояти Хатлон дар Тоҷикистон лексияи кушодаи ҷамъиятӣ дар мавзӯи «Меҳнат ва ҳуқуқҳои кӯдакон» шуда гузашт.*




Лексия дар доираи лоиҳаи Институти инҷилои ҷангу сулҳ (IWPR) «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқӣ тавассути ВАО дар Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад, гузаронида шуд.

Ҳамчун лектор омӯзгори фанни сиёсатшиносӣ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, директори Маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ «Шаҳрванд» Додарбек Сайдалиев баромад намуд.

Додарбек Сайдалиев чунин мешуморад, ки тарзи беҳтарини омӯзиш – ин ҷалбсозии амалии донишҷӯён ба ҷараён мебошад, бинобар ин лексия дар шакли саволу ҷавоб гузаронида шуд, ки дар он тамоми шунавандагон иштирок намуданд.

Омӯзгор ва донишҷӯён дар бораи мафҳумҳои умумии ҳуқуқҳои кӯдак, инчунин дар бораи вазъи он дар Тоҷикистон табодули назар намуданд.

Мавзӯи марказии лексия поймолкунии ҳуқуқҳои мактабхонон ва донишҷӯён ҳангоми ҷамъоварии ҳосили пахта гашт, ки ба тадқиқоти гузаронидашудаи маркази «Шаҳрванд» асос меёбад. Тибқи тадқиқоти гузаронидашуда, ки аз пурсиши донишҷӯёни якчанд муассисаҳои таълимии шаҳри Кӯлоб асос ёфтааст, аксарият маҷбурӣ дар ҷамъоварии пахта иштирок доштаанд.

Пурсишшудагон инчунин иқрор шуданд, ки барои саркашӣ аз иштирок дар ҷамъоварии пахта ба онҳо бо ҷазоҳои гуногун аз ҷониби роҳбарияти макотиб, таҳдид кардаанд аз ҷумла хориҷкунӣ.

Ба гуфтаи Сайдалиев, тадқиқот нишон дод, ки барои ҳимоя аз ҳуқуқҳои худ донишҷӯён танҳо дар сурати мавҷуд будани фармони мувофиқи Вазорати маориф омода ҳастанд ва дар баробари ин метавонанд, маълумотнокии ҳуқуқии худро баланд бардоранд.

«Ман чунин мешуморам, ки маълумотноккунии ҳуқуқиро оиди ҳуқуқҳои инсон ва кӯдак, дар мисолҳои аниқ, хубтар аст, ки аз ҳаёти ҳар як донишҷӯ сар кунем», - изҳор намуд лектор дар хотимаи машғулияти кушода.

Дар бораи лектор: Додарбек Сайдалиев, омӯзгори Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб, бо таҷрибаи 14-сола. Аз соли 2002 фаъолияти омӯзгориро бо кор дар ташкилоти ҷамъиятии «Шаҳрванд» тавъам мекунад, ки мақсади он рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути дастгирии иттиҳодҳои ғайрисиёсӣ, ғайридинӣ, гурӯҳҳои ташаббускор ва шаҳрвандони алоҳида дар асоси ҳамкории зич ва самаранок бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, соҳибкорон ва васоити ахбори омма мебошад.

## МИЗИ МУДДАВВАР «ХУДКУШӢ ДАР ВМБК: САБАБҲО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН»




*22 октябр дар Хоруғ, ВМБК, дар доираи лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва маълумоти ҳуқуқӣ тавассути ВАО дар Осиёи Марказӣ» мизи мудаввар дар мавзӯи «Худкушӣ дар ВМБК: сабабҳо ва роҳҳои ҳалли он» баргузор гашт. Лоиҳаро Институти инҷилои ҷанг ва сулҳ (IWPR) бо маблаггузории Иттиҳоди Аврупо амалӣ мекунад. Чорабинӣ дар якҷоягӣ бо иттиҳоди ҷамъиятии «Мадина» ташкил карда шуд.*

Дар кори мизи мудаввар намояндагони мақомоти ҳокимияти иҷроияи ВМБК, идораҳои вилоятии кумитаҳои кор бо ҷавонон, саёҳат ва варзиш, кор бо занҳо ва оила, корҳои дохила, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, уламо, ВАО, инчунин намояндагони ҷамоатҳои маҳаллӣ иштирок намуданд.

Иштирокчиёни вохӯрӣ мушкилии худкуширо муҳокима намуданд, ки вақтҳои охир ҷомеаи ВМБК-ро нигарон мекунад. Қайд карда шуд, танҳо дар 9 моҳи охир дар ҳудуди вилоят 28 ҳодисаи худкушӣ ба қайд гирифта шудааст, ин дар ҳолест, ки дар давоми соли 2008 танҳо 12 ҳодисаи худкушӣ ба қайд гирифта шуда буд. Тавре ҷонишини раиси ШКД-и вилоят Назарбек Худоёров хабар дод, ҳодисаи охирони худкушӣ чанде пеш, 21 октябр рӯй додаст.

Дар Хоруғ донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Хоруғ худкушӣ намудааст. «Ин ҳодиса – далели он аст, ки замони амал кардан расидааст», - қайд намуд Худоёров. Иштирокчиёни вохӯрӣ ҳамчунин қайд намуданд, ки дар Бадахшони Кӯҳӣ шумораи ҳодисаҳои худкушӣ бештар ба сари мардон рост меояд. Аз шумораи умумӣ дар 20 ҳолати кӯшиш ба худкушӣ ё худкушӣ кардан ба мардон рост меояд ва танҳо дар 8 ҳолат ба занҳо. Се сабаби асосии ин падида муайян карда шуданд: мушкилоти иқтисодӣ, оилавӣ ва рӯҳӣ.

Бо назардошти афзоиши чунин ҳодисаҳо дар минтақа, иштирокчиёни вохӯрӣ ба хулосае омаданд, ки барои ҳалли ин мушкилот як гурӯхи корие, аз ҷумлаи намояндагони сохторҳои ҳукуматӣ, ҷавонон ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, барои кор бурдан бо аҳолӣ ва пешгирии худкушиҳо ва баландбардории маълумотнокии аҳолӣ дар ин бобат, зарурият дорад.

Иштирокчиёни мизи мудаввар ният доранд, ки муроҷиати хаттӣ ба номи раиси ВМБК Қодири Қосим нисбати ташаббуси мазкур равона намоянд.



***Музаффар Зарипов:** Мусоҳиба: Барои таъмини ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ Тоҷикистон бояд таҷрибаи Филлипинро омӯзад ва бозорҳои нави меҳнатро ҷустуҷӯӣ намояд*

Моҳи октябр президенти Россия Дмитрий Медведев ҳангоми боздид бо шарики тоҷики худ Эмомалӣ Раҳмон дар Москва, ваъда дод, ки кишвари ӯ қоидаҳои нави муҳоҷиратиро қабул менамояд, ки будубоши муҳоҷирони тоҷикистониро дар ҳудуди ФР сабук ва содда мегардонанд.

«Қоидаҳои нав ҳамкориро дар ин соҳа беҳтар гардонида, шаффофият ва соддагардонии роҳҳои самаранокии ҷалбсозии шаҳрвандоне, ки хоҳиши меҳнат карданро дар Федератсияи Россия доранд, амалӣ мекунанд», - изҳор намуд Медведев дар нишасти матбуотӣ.

То ҳол ягон гуна амали воқеиеро ҷониби русӣ пайгирӣ нанамудааст.

Оиди он ки худи Тоҷикистон барои беҳбудсозии идораи ҷараёнҳои муҳоҷират чӣ бояд кунад, дар мусоҳиба бо IWPR директори Маркази хабарӣ-захиравии муҳоҷирати меҳнатии Ташкилоти байналхалқӣ оид ба муҳоҷират (ТБМ) дар Тоҷикистон, раиси ташкилоти ҷамъиятии «Маркази муҳоҷирати меҳнатӣ» Музаффар Зарипов нақл кард.

*IWPR: Мушкилоте, ки бо он муҳоҷирони меҳнатӣ дар Россия дучор мешаванд, аксар вақт якхелаанд: мардикор эълони пешниҳоди корро дида, шартномаро бо агентии бо кор таъминкунанда имзо мекунад ва ба ҷои кор сафар менамояд. Дар он ҷо шиносономаашро аз ӯ мегиранд, ӯ бо тамоми қувва меҳнат намуда, дар шароити номусоид зиндагӣ мекунад ва аз ҳамаш муҳим, ки музди меҳнаташро намедиҳанд. Чӣ гуна ва бо чӣ дар чунин ҳолат ташкилотҳои ҳуқуқии байналхалқӣ кӯмак расонида метавонанд, масалан Ташкилоти байналхалқии муҳоҷират дар Қазоқистон?*

***Зарипов:*** Мушкилоти ҳуқуқҳои инсон, махсусан ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бениҳоят тезутунданд, ҳатто дар ҳоле, ки кишвари қабулкунанда қонунгузории муҳоҷиратиро инсондӯстона ва ҳамоҳанг сохта, бозори меҳнатии худро кушод мекунад.

Хоҳ нохоҳ кордиҳандагон ва миёнаравоне пайдо мешаванд, ки барои фоидаи худ будубоши қонунӣ ва бо кор таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатиро барои фоидаи худ истифода мебаранд.

Дар чунин маврид ҳама аз худи муҳоҷири меҳнатӣ, истодагарии ӯ барои муқобилат овардан ба чунин рафти кор, вобаста аст. Беҳтар аз ҳама, вақте одам кӯшиш менамояд, ки ба чунин вазъи ногувор худро гирифтор накунад.

Мутаассифона, ҳодисаҳои монанд натанҳо бо шаҳрвандони мо рӯй медиҳанд ва нафақат ба Россия ва Қазоқистон хос мебошанд. Онҳо ба кишварҳое хос ҳастанд, ки солҳои охир босуръат инкишоф меёбанд ва қонунҳои муҳоҷирии онҳо ҳоло мукаммал нагаштаанд.

Ташкилотҳои байналхалқӣ, алалхусус ТБМ, 7 соли охир бо ин мушкилӣ дар Тоҷикистон муфассал машғул мебошанд. Як инфраструктурае таъсис дода шудааст, ки муҳоҷиронро маҳз дар масъалаҳои ҳуқуқӣ кӯмак мерасонад, муҳоҷирони потенсиалиро огоҳ кунонида, машварат медиҳад.

Ҳамаи ин корҳо барои он бурда мешаванд, ки бехатарии сафари онҳо, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ таъмин карда шавад ва инчунин дар дигар ҳолатҳо.

Яке беэътиноӣ, дигаре – беаҳамиятӣ мекунад ва сеюмӣ бехабар ҳаст. Натиҷаи чунин беэътиноӣ – ба ғуломӣ афтодан, қочоқи инсон ва ғ. мегардад. Дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик инчунин як қатор ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқии диаспораи тоҷикон, сафоратхонаҳо, намояндагиҳои ВКД-и Тоҷикистон фаъоли ят мебаранд, ки ба ҳифзи ҳуқуқии онҳо машғул ҳастанд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ бояд онҳо ва тарзи иртибот бо онҳоро донанд. Хеле муҳим аст, ки ҳамватанони мо маданияти сафаркуниро ба хориҷа омӯзанд, аз ҷумла маданияти муҳоҷиратро бо мақсади коркунӣ дар хориҷа.

*IWPR: Дар Москва аллакай таҷрибаи нахустини таъсис намудани Маркази хизматрасонӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад. Марказ натанҳо хизматрасонии бароҳати муро-ҷиаткунандагонро пешниҳод менамояд, балки инчунин ба монанди «супермаркети хизматрасониҳо» баромад мекунад, ки ба он хизматрасониҳои давлатӣ низ (қабул ва додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда) ва хизматрасониҳои иловагӣ, ба монанди машваратдиҳӣ, нотариат, шӯъбаи тарҷумонӣ дохил мешаванд.*

Дар Тоҷикистон низ чунин «тиреза»-е таъсис додан мумкин аст, то ин ки муҳоҷири меҳнатии

потенсиалӣ ба Россия ё дигар кишвар бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои лозима сафар карда тавонад. Дар ин бора чӣ фикр доред?

***Зарипов:*** Чунин марказҳо натанҳо дар Москва, балки умуман дар тамоми Россия пайдо шудаанд ва ин хурсандиовар аст, зеро мушкилиҳои қонунигардонӣ дар ҷои бақайдгирӣ ва ҷустуҷӯи кор ва ба кордарой ҳалли худро ёфта метавонанд.

Албатта, норасоиҳо дар кори онҳо низ ҷой доранд, масалан, ҷойҳои корие, ки пешниҳод карда мешаванд, умеди коргари хориҷиро дар андозаи музди меҳнат қонеъ намегардонад, вале ин танҳо оғози роҳ мебошад. Ба фикри ман, пас аз чанде байни миёнарав дар шахси чунин марказҳо ва коргарони хориҷӣ як навъ тавозуни талабот ва пешниҳодот ба миён меояд.

Ҳоло бошад, ин марказҳо аз мавқеъ ва даромадҳои худ на он қадар қонеъ ҳастанд. Масалан, Маркази байниминтақавии Самара, ки дар ихтиёри худ бинои бузурге дорад ва хизматрасониҳои дар боло овардашударо иҷро менамояд, бо сабабҳои зикршуда пурра фаъолият намекунад.

Имконияти таъсис додани чунин марказҳо дар Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор дорад. Барои кушодани онҳо маблағ, ҳуҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ лозим ҳастанд, ки ин фаъолиятро ба танзим дароранд.

Ин масъала зарурияти таъсис додани вазорати кор бо муҳоҷиратро талаб менамояд, вале бояд дар назар дошт, ки хосият ва шакли чунин ташкилотҳо беш аз пеш зери ташкилоти ягона рост меояд, ки хизматрасониҳои муайянро пеш аз сафаркунӣ иҷро менамояд. Дар назди чунин марказҳо бояд курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳо ва ҳуқуқҳо ва дигар намудҳои хизматрасонӣ амал кунанд.

*IWPR: Дар яке аз маърӯзаҳои ТБМ гуфта мешавад, ки Тоҷикистон «дар реҷаи ҳашар» қонунгузории муҳоҷиратиро коркард ва қабул намудааст ва дар асоси он ба танзимдарории ин мушкилот ба кор шурӯъ намудааст. Оё имрӯз зарурияти тағйирдиҳӣ ва даровардани ислоҳот ба қонун «Дар бораи муҳоҷират» ҷой дорад ё на?*

***Зарипов:*** Бо он нукта розӣ ҳастам, ки зарурияти тағйирдиҳии қонун «Дар бораи муҳоҷират», алалхусус, дар қисми танзими муҳоҷирати меҳнатии беруна имрӯз ҷой дорад.

Айнан 19 ноябри соли ҷорӣ, дар маҷлиси Комиссияи байнимуассисавӣ оид ба танзимдарории ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ дар назди ҳукумати ҶТ, ТБМ натиҷаҳои таҳлили қонунгузории муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намуд.

Дар муддати наздик, гурӯҳи корӣ оид ба қонунгузорӣ ба омӯзиши масъалаи мақсаднокии даровардани тағйирот ва иловаҳо ба ин қонун шурӯъ мекунад.

Ба ақидаи ман, даровардани тағйирот ва иловаҳо ба қонуни амалкунанда ё коркарди қонуни тамоман нав ва ҳуҷҷатҳои зерқонунии он – талаботи замон мебошад.

Қонун бояд муфассал масъулиятнокӣ ва ҳуқуқҳои ҷонибҳои ин ҷараёнро, ба монанди қонуни Филиппин «Дар бораи муҳоҷирон» баррасӣ намояд. Ҳамин тариқ, фишор ба мақомоти давлатӣ худ ба худ кам шуда, ҳар як иштирокчии ин ҷараён огоҳонида мешавад, ки дар бораи ин ё он қисми кор аз кӣ пурсад.

Дар ҳоле, ки муҳоҷирати меҳнатӣ қисми сиёсати иқтисодии давлат мебошад, бинобар ин, ба ин масъала бояд диққати махсус дода шавад.

*IWPR: Оё Тоҷикистон имрӯз омода аст, ки муҳоҷирати меҳнатии берунаро идора карда тавонад?*

***Зарипов:*** Ин суол хеле бамаврид аст. Оғоз намудани идоракунии ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ дар хориҷи кишвар ҳеҷ гоҳ дер нест.

Асосаш ин ки кишвар инро мехоҳад. Дигар гап дар он аст, ки оё ба мо лозим аст «велосипедро ихтироъ намоем» дар ҳоле ки он аллакай ҳаст?

Таҷрибаи ҷаҳонӣ, ба истиснои хусусиятҳои алоҳидаи баъзе кишварҳо аз рӯи масъалаҳои асосӣ аз ҳамдигар фарқ намекунад. Ин таъминоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, базаи меъёриву ҳуқуқӣ барои муҳоҷирати меҳнатии беруна, таъминоти маълумоти тахассусӣ, сертификатсияи ихтисоси гирифташуда, суғурта ва хизматрасонии тиббӣ дар кишвари худ ва дар кишвари ҷойгиршавӣ мебошад.

Ман баъзе роҳбарон ва мутахассисони системаро ё шахсони из ин мушкилӣ дурбударо намефаҳмам, вақте онҳо мегӯянд, ки Тоҷикистон роҳи худро дорад.

Барои ватандӯстии онҳо миннатдорӣ изҳор намудан лозим, вале Тоҷикистон вақт ва маблағҳои зиёдатӣ надорад, ки масъалаи таъсис намудани системаи самараноки идоракунии муҳоҷирати меҳнатии берунаро ба даҳсолаҳо кашола диҳад. Тоҷикистон мавқеъи худро дар бозорҳои муқаррарии меҳнатӣ аз даст доданро сар мекунад ва ин натанҳо ба бӯҳрон ва поён рафтани нархҳо барои меҳнати сарфкардашуда, балки инчунин бо сабаби пур шудани бозорҳо бо қувваи кории нисбатан арзонтар вобаста мебошад.

Ҳамчун далели исботкунандаи он метавонанд ҳамсояҳои мо дар минтақа бошанд, ки бо ин мушкилоти идоракунӣ ҷиддан машғул буда, аллакай ба муваффақиятҳои муайян ноил шудаанд.

*IWPR: Охири солҳои 90 Хадамоти давлатии муҳоҷиратӣ дар назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис шуда буд. Моҳи феврали соли 2006, танзимкунии муҳоҷирати беруна ба тобеъияти ВКД гузаронида шуд. Имрӯз дар назди ВКХ низ хадамоте таъсис дода шудааст, ки ҷараёни муҳоҷиратро дар Россия ба танзим медарорад. Кӣ аниқ бояд бо муҳоҷирати меҳнатӣ машгул бошад? Шояд, вақти он расидааст, ки вазорати ҷудогонаи муҳоҷиратро таъсис додан лозим?*

***Зарипов:*** Барои амалигардонии бомуваффақияти сиёсати муҳоҷиратӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии беруна, ҳар як кишвар варианти оптималиро қабул менамояд, чӣ дар сохтори идоракунӣ ва чӣ дар таъмини қонунгузорӣ.

Ба диди ман, ҳама сохторҳои то имрӯз вуҷуддошта, тарафҳои ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ доранд, вале ягонтои онҳо ба қадри кофӣ амалигардонии Консепсияи сиёсати муҳоҷиратиро маҳз дар қисмати муҳоҷирати меҳнатии беруна таъмин карда натавонист ва барои он як қатор сабабҳои муҳим вуҷуд доранд.

Якумаш – новобаста ба кӯшишҳои пешгирифташуда, барномаи ояндадори хуб кор карда баромада шуда набуд. Дуюмаш – потенсиали сусти кадрҳо. Сеюм – набудани стратегияи ҷиддии аз ҷиҳати илмӣ асоснокардашудаи миллӣ доир ба муҳоҷирати меҳнатӣ. Чорум – набудани ташаббускорӣ ва мавқеъи номуайяни мансабдорон.

Ва охирон: таҳлили ҷиддии ҳарсолаи вазъи муҳоҷират дар Тоҷикистон ва ғайра. Ин ҷо сухан натанҳо дар бораи тадқиқотҳои маркетингии бозорҳои меҳнатии кишварҳои қабулкунанда, балки дар бораи ҷустуҷӯи бозорҳои нави меҳнатӣ низ меравад.

Таъсис додани Вазорати кор бо муҳоҷират, ба фикри ман, ғояи сазовори омӯзиш мебошад. Вале боварӣ надорам, ки система боз як таҷрибаи бюрократикунонии системаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатии берунаро тоқат мекунад.

Барои ин гуфтагӯи кушоди мутахассисони ин соҳа лозим аст. Ман таъсис додани сохтори алоҳидаро дар назди ҳукумати ҶТ истисно наменамоям, вале ин сохтор ба ғайри дастгирии давлатӣ бояд сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ аз ҳисоби хизматрасониҳо бояд дошта бошад.

Масалан, ман ягон вазоратеро надидаам, ки ба фарди қаторӣ дастрас бошад ва мушкилоти ӯро зуд ҳал намояд. Вале намунаи арзандае низ ҳаст, ки боиси ибрат буда метавонад – ин маъмурияти Филлипин оиди бо кор таъминкунӣ дар хориҷа – системаи дақиқи хизматрасониҳои давлатӣ ва хусусӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад.

Яъне тамоми маълумоти лозима ва ҳуҷҷатгузорӣ, ҳамчунин машваратдиҳӣ дар як муассиса дастрас мебошад. Маҳз ба чунин коргузорӣ саъю кӯшиш намудан лозим.



***Улугбек Азимов: Умедворӣ ба натиҷаи мусбат боқӣ мемонанд***

*Коршинос оид ба масоили ҳуқуқӣ Улугбек Азимов дар бораи механизми миллии пешгирикунанда бар зидди шиканҷадиҳӣ дар Қирғизистон нақл менамояд.*

Моҳи январи соли 2010 мӯҳлате, ки дар давоми он Қирғизистон мебоист Механизми пешгирикунандаи миллиро бар зидди шиканҷадиҳӣ таъсис медод, тамом мешавад. Дар бораи душвориҳо ҳангоми коркарди лоиҳаи қонун аъзои Гурӯҳи корӣ, коршиноси масоили ҳуқуқии Фонди ҷамъиятии «Гурӯҳи мустақили ҳифзиҳуқуқ» Улуғбек Азимов нақл менамояд.

IWPR: Ба хонандагони мо маънии Механизми пешгирикунандаи миллиро (МПМ) фаҳмонда медодед.

***Улугбек Азимов:*** МПМ – ин институтест, ки бояд кушодагӣ ва шаффофии ҷойҳои нигоҳдории зери назоратро барои пешгирӣ намудани шиканҷадиҳӣ ва муносибати бераҳмона, таъмин намояд. Он бояд дар Қирғизистон дар доираи созишномаҳои байналхалқӣ, аз ҷумла Пакти байналхалқии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа таъсис ёбад.

Соли 2003 дар Кодекси ҷиноӣ моддаи 305-1 «Шиканҷадиҳӣ» ворид карда шудааст. Вале дар шаш соли охир аз рӯи ин модда танҳо як парвандаи ҷиноӣ кушода шудааст, ки он ҳам ҳалли додгоҳро наёфтааст. Тағйиротҳо дар қонун, тавре таҷрибаи тамоми олам шаҳодат медиҳад, натиҷаҳои лозима наовард. Дар баробари ин, ташкилотҳои ҳифзиҳуқуқ рӯз ба рӯз далелҳои нави шиканҷадиҳӣ ва муносибати бераҳмонаро маълум ва ошкор менамоянд.

Дар чунин мавриди як тарзи нави пешгирикунии бомуваффақи шиканҷадиҳи лозим гашт, ки он МПМ мебошад. Он дар Тасвибномаи факултативӣ дар Конвенсияи зидди шиканҷадиҳӣ, ки Қирғизистон ба он феврали соли 2008 ҳамроҳ шудааст, муқаррар карда шудааст.

Ғояи асосии он дар таъмин намудани кушодагӣ ва шаффофии маҳбасхонаҳо мебошад, ки одамон дар онҷо бештар ба шиканҷа гирифтор мешаванд. Он бо ташрифи мунтазами аъзоёни МПМ ба ин муассисаҳо таъмин карда мешавад.

***IWPR:*** *Дар Қирғизистон он дар кадом шакл таъсис дода мешавад? Ба ҳайати он кӣ дохил мешавад?*

***Азимов:*** Тасвибномаи факултативӣ ба давлат имконият медиҳад, ки худ модели МПМ-ро интихоб намояд. Асосаш она ст ки он ба талаботҳои сахтгиронае, ки ба мандат, таркиби МПМ, мустақилияти он, кафолатҳо ва ӯҳдадориҳо ҳангоми гузаронидани ташрифҳои пешгирикунанда, пешкаш карда мешаванд, ҷавобгӯ бошад.

Аъзоёни МПМ бояд ҳуқуқи бемонеаи воридшавӣ ба маҳбусхонаҳо шабу рӯз, имконияти мулоқот кардан бо маҳкамшудагон дар мушофаҳаро дошта бошанд ва ин институт бояд аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ шавад.

Дар асоси нишондодҳое, ки дар рафти мониторинг гирифта мешаванд, МПМ тавсияҳои худро баррасӣ менамояд, ки барои пешгирии шиканҷадиҳиҳо дар маҳбасхонаҳо ва беҳтаргардонии шароити нигоҳдорӣ равона карда мешаванд. Ҳамаи ин корҳо дар ҳамкории доимӣ бо мақомоти давлатӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Гурӯҳи корӣ бо роҳбарии омбудсмен, ки ба он намояндагони тамоми вазорат ва муассисоти ҳавасманд дохил мешаванд, моделеро баррасӣ намудаанд ва он ба модели дар кишварҳои Аврупо паҳн будаи «Омбудсмен-плюс» монанд мебошад.

Дар асоси ин модел Шӯрои ҳамоҳангсозӣ таъсис дода мешавад, ки аз 5 намояндаи ташкилотҳои ҷамъиятии дар асоси озмун интихобшуда, 3 вакили парлумон ва омбудсмен аз рӯи вазифааш, иборат аст.

Шӯрои ҳамоҳангсоз системаи ташрифҳои мунтазами пешгирикунандаро тартиб ва ҳамоҳанг менамояд, тавсияҳо пешниҳод менамояд ва бо мақомоти салоҳиятдор барои ҳалли он ҳамкорӣ мебарад. Ташрифотро 19 коршиноси мақомоти доимо амалкунанда – Маркази мониторинг ва баҳодиҳӣ, амалӣ мегардонанд. Коршиносон дар манотиқи наздик ба маҳбасхонаҳо ҷамъ карда мешаванд. Азбаски чунин ҷойҳо дар ҷумҳурӣ зиёданд, мо пешниҳод дорем, ки ба Марказ ҳуқуқи ҷалби фаъолони таҷрибадори маҳаллӣ ба сифати коршиносони мустақил, дода шавад.

***IWPR:*** *Тавре ба мо маълум аст, рӯйхати муассисаҳое, ки зери тафтиш қарор мегиранд, баҳсҳои ҷиддиро ба миён меоранд.*

***Азимов:*** Ин масъала назди гурӯҳи омодасози ин қонун кайҳо ҳалли худро ёфтааст. Инҷо бояд аниқ аз рӯи низомномаи Тасвибномаи факултативӣ амал кард, ки дар он зери мафҳуми маҳбасхона ҳамагуна маконеро, ки дар он ҷо шахсони аз озодӣ маҳрум кардашуда, бо амри мақомоти давлатӣ, бо нишондоди он ё розигии хомӯшона нигоҳ дошта мешаванд, дар назар аст.

Зери мафҳуми аз озодӣ маҳрум шудан Тасвибнома ҳамагуна шакли дар маҳбас нигоҳдориро дар назар, дорад, ки он ҷойро шахси маҳкамшуда ҳуқуқи бо хоҳиши худ тарк кардан надорад.

Зери ин мафҳуми «протоколӣ» маҳбасхонаҳо, зиндонҳо, изоляторҳо, сағирахонаҳо, хонаҳои пиронсолон, беморхонаҳои рӯҳӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва ҳатто нақлиёте, ки дар он маҳкамшудагонро мекашнанд, дар назар дошта шудааст.

Вале ин мафҳумҳои созишномаи байналхалқӣ ба мафҳумҳои барои қонунгузории мо фаҳмо ва муқаррарии «ҷойи нигоҳдори зери назорат» ё «маҳрумшавӣ аз озодӣ» мувофиқат наменамоянд ва бинобар, ин на ҳама онҳоро дуруст қабул мекунанд.

Аз як тараф, бояд мафҳум ва муайянкунандаҳои дар қонунгузории миллӣ муқарраршударо нигоҳ дошт, аз тарафи дигар – талаботи Тасвибномаро риоя кард. Барои ин дар лоиҳаи қонун ду мафҳум истифода бурда шудаанд: ҷойи маҳрумшавӣ аз озодӣ ва ҷойи аз озодӣ маҳдудшавӣ.

Зери маънии якум ҷойи дилхоҳе, ки дар он ҷо шахси дастгиршуда ё баҳабсгирифташуда, дастгиршуда аз рӯи гумонбарӣ ё айбдоршавӣ барои содир намудани ҷиноят, аз рӯи ҳукми додгоҳ ҷазо бурда истода – маҳбасхона, колония, СИЗО, ИВС ва ғ. фаҳмида мешавад. Ҷойи маҳдудшавӣ аз озодӣ бошад, ин ҷое, ки ягон шахс аз рӯи фармони мақомоти давлатӣ, мансабдор ё аз рӯи дастури он, ё аз рӯи огоҳии ӯ ё розигии хомӯшона нигоҳ дошта мешавад, ва наметавонад он ҷойро – қисми ҳарбӣ, литсеи ҳарбӣ, интернатҳо ва кӯдакистонҳоро, бо хоҳиши худ тарк намояд.

Истифодабарии чунинибораҳо саволҳои зиёди нодаркорро аз байн бардошт. Муҳимаш, онҳо тамоми номгӯи ҷойҳои нигоҳдориро, ки дар Тасвибномаи факултативӣ пешбинӣ карда шудаанд, дарбар мегиранд.
IWPR: Бо кадом ихтилофот шумо боз дучор шудед?

***Азимов:*** Мутаассифона, новобаста аз раванди васеи маълумотноккунӣ, ки фаъолон, ташкилотҳои байналхалқӣ ва дастгоҳи омбудсмен мегузаронанд, баъзе мансабдорон консепсияҳои асосии Тасвибномаи факултативиро нодуруст қабул мекунанд. Масалан, аъзоёни МПМ ҳуқуқи ба ҷойҳои маҳбасшавӣ шабу рӯз бе огоҳкунии пешакӣ ташриф овардан доранд. қонун бояд масуният ва имтиёзҳои аъзоёни МПМ-ро аз дастгиршавӣ, мусодиракунӣ ё азназаргузаронии бордон, ҳуҷҷатҳо, мактубҳо таъмин намояд.

Ғайр аз ин, аъзоён бояд масунияти пурраи судӣ-мурофиавӣ нисбати фаъолияти худ дар доираи МПМ дошта бошанд. Ин аст меҳвари МПМ. Вале маҳз бо ҳамин низомнома баъзе мансабдорон ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ розӣ нестанд.

Ягонагии ақида аз рӯи консепсияҳои асосии Тасвибномаи факултативӣ ва байни аъзоёни Гурӯҳи корӣ вуҷуд надорад. Масалан, аксари аъзоёни он пешниҳод доранд, ки диққати худро ба он ҷиҳат, ки ташрифовариҳои пешгирикунанда метавонанд шабу рӯз

бемаҳдудияти замонӣ гузаранд, ҷалб кардан лозим нест. Кифоя аст, ишора шавад, ки он метавонад «бо огоҳкунии қаблӣ ва бе он гузарад».

***IWPR:*** *Фарқият байни ин ду низомнома дар чист?*

***Азимов:*** Мувофиқи Тасвибномаи факултативӣ, аъзоёни МПМ ҳуқуқи воридшавӣ ба маҳкамаҳоро дар дилхоҳ вақти шабу рӯз доростанд. Ҳангоми иборабандии «ташрифи бемонеа бо огоҳкунии пешакӣ ё бе огоҳкунӣ» душвориҳо ба миён омада метавонанд, масалан, агар аз рӯи шикояти истифодашавии зӯроварӣ, лозим меоянд, ки маҳбасхонаро шабона аз назар гузаронид.
Дар Қонун набудани чунин муайянкунанда «дар давоми ҳар шабурӯз ва ҳар соат» ба маъмурияти маҳбасхонаҳо аз рӯи меъёрҳо ва санадҳои идоравӣ имтиёзи маҳдудкунии воридшавӣ ба ин муассисотро медиҳад. Масалан, қоидаи тартиботи дохилии СИЗО барои ба вохӯрӣ баровардан, инчунин аз рӯи дархостҳо баровардан, дар давоми шаб аз соати 18.00 то 8.00 пагоҳӣ манъ кардааст.

***IWPR:*** *Агар имконияти қонунгурезӣ вуҷуд дошта бошад, пас чаро он умуман лозим аст?*

***Азимов:*** Шумо саволи муҳиме гузоштед. Онро ТҒҲ-ҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ, ҳамаи ҳуқуқҳифзкунандагоне, ки дар таъсис додан ва амалкунии самараноки МПМ дар Қирғизистон манфиатдор ҳастанд, мепурсанд.

Мо чунин мешуморем МПМ-е, ки ба талаботҳои пешниҳодшуда ҷавобгӯй нест, барои пешгирии шиканҷадиҳӣ мусоидат намекунад, ва бинобар ин, зарурияти таъсис додани он аз байн меравад.

Бинобар ин, вазифаи мо – бовар кунонидани муоризон ба зарурияти риоя намудани стандартҳои МПМ ва мустаҳкамкунии асосҳои қонунии он, мебошад. Ин яке аз мақсадҳои аввалиндараҷаи Баррасиҳои Ҷамъиятӣ, ки ба муносибати таъсис додани МПМ дар Қирғизистон бахшида шуда буд ва мо онро моҳи ноябри соли 2009 гузаронида будем.

***IWPR:*** *Оё ин гуфтушинидҳо барои тағйирёбии вазъият кӯмак расониданд?*

***Азимов:*** Натиҷаҳои он шахсан маро ҳам хурсанд ва ҳам баумед карданд. Бо дастгирии вакилони парлумон Лайло Содиқова ва Галина Куликова, коршиносони байналхалқӣ аз Шветсария ва Англия, фаъолони ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ, тағйир додани ақидаи муоризон ба мо муяссар гашт, ки аз ҷумлаи аъзоёни Гурӯҳи корӣ буданд.

Иштирокчиёни гуфтушунидҳо тавсия намуданд, ки лоиҳаи қонунро мукаммалтар созем, то он ба ҳамаи талаботҳои Тасвибномаи факултативӣ ҷавобгӯ гардад. Ва ин корҳо аллкай идома доранд. Пас аз мукаммалсозии лоиҳаи қонун мо онро ба диққати ҷомеа ва коршиносони хориҷӣ барои омӯзиш пешкаш менамоем. Ва танҳо пас аз ин онро барои баррасӣ ба парлумон пешбарӣ менамоем.

***IWPR:*** *Оё чунин нерӯҳое ҳастанд, ки қатъиян қонунро дар бораи МПМ қабул кардан намехоҳанд?*

***Азимов:*** Имконияти ташрифоварии ногаҳонӣ ба маҳкамаҳо роҳбарони бевиҷдони чунин муассисотро ба ташвиш меорад. Зеро дар ҳоли аён шудани ҳодисаҳои поймолкунии ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла шиканҷадиҳӣ, ба ҳама маълум ва ошкор мегардад. Азбаски баҳодиҳии объективӣ ба мансаби хизматии чунин роҳбарон метавонад таъсир расонад, албатта, онҳо ба чунин механизмҳои назоратбарӣ ҳавасманд нестанд.

Вале ақидаи манфии кушоду равшан изҳоршаванда бар зидди МПМ нест. Ҳама ин масъулияти давлатро дарк менамоянд: қарорро парлумон ва президенти кишвар қабул намуданд, онро бояд иҷро кард. Андешаи муоризон бошад дар он аст, ки имкониятҳои МПМ-ро ҳарчи бештар бартараф гардонанд.

***IWPR:*** *Мавқеи давлат оиди шиканҷа умуман чӣ гуна аст?*

***Азимов:*** Гумон мекунам, касе вуҷуд доштани шиканҷаро дар Қирғизистон инкор намекунад. Ҳуқуқҳифзкунандагон ҳамеша даҳҳо аризаҳои худи қурбониёни шиканҷаро дастраси омма мегардонанд. Боварикунониҳои баъзе мансабдорон оиди он, ки «азбаски ягон парвандаи ҷиноӣ оиди шиканҷаоварӣ кушода нашудааст, яъне шиканҷаоварӣ нест» на он қадар асоснок ҳастанд.

Парвандаҳо аз рӯи далелҳои шиканҷаоварӣ ва муносибати бераҳмона аз рӯи моддаҳои дигари ба ном «наздикишиканҷаоварӣ» кушода ва тафтишот бурда мешаванд. Дар онҳо ҷавобгарӣ барои сӯйистифодабарии салоҳияти мансабдорӣ пешбинӣ карда шудааст. Вале модели айнан ба ин монанд дар Молдова кор наомад: давлат вазифадориҳои худро иҷро намекунад ва маблағҳои лозимаро аз буҷа ҷудо намекунад. Маҳз аз ин сабаб, МПМ-ҳои Молдова ва Озарбойҷон аз ҷониби Зеркумитаи пешгирикунии шиканҷаовариҳо дар маҷлиси охирони он боиси танқид гаштанд.

Ин ҳама шаҳодати он аст, ки нусхабардории ягон моделро кардан лозим нест.

МПМ-и мо бояд бо назардошти хусусиятҳои кишвари мо баррасӣ карда шавад. Он набояд хеле серхарҷ бошад, зеро аз буҷаи на он қадар бойи мо маблағгузорӣ карда мешавад. Аз ҳама муҳимаш – механизм бояд усули самараноки корӣ буда, таъсисдиҳии он – қадами нав ва ҳақиқӣ дар роҳи пешгирикунии шиканҷа бошанд.



***Александр Келчевский: Дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон қонунҳои физика кор намеоянд.***
*Сардори Маркази САҲА дар Остона Александр Келчевский дар бораи раисии оянданаи Қазоқистон нақл менамояд.*

**Диана Окремова, Остона**

Якуми январи соли 2010 Қазоқистон расман маснади раисии САҲА-ро қабул менамояд. Ба афзалияти аёнии ин рӯйдод нанигариста, баҳсҳо атрофи вазъи ҳақиқӣ оиди ҳуқуқҳои инсон дар Қазоқистон фаъолона идома доранд.

Дар боби мушкилот, оянда ва «нуқтаҳои дардманд» раисӣ сардори Маркази САҲА дар Остона Александр Келчевский нақл кард.

***IWPR:*** *Вобаста ба баъзе ташаббусҳои қонунгузорӣ (қонунҳои батанзимдарории Интернет, махфияти ҳаёти шахсӣ ва г.), якчанд парвандаҳои судӣ, ки бо вайронкуниҳои мурофиавӣ бурда шуда буданд (парвандаҳои Евгений Жовтис, Рамазон Есергепов, Мухтор Джакишев ва г.) шубҳаҳо ба миён меоянд, ки оё Қазоқистон метавонад ӯҳдадориҳои Мадридиро иҷро намояд ё на.*

***Александр Келчевский:*** Корҳо дар асл ранги дигар доранд. Дар Мадрид кишвари шумо назди дигар кишварҳо-иштирокчиёни САҲА азми худро ба таҳаввулот ва демократикунонии минбаъда иброз намуд. Алалхусус, Вазири корҳои хориҷии онвақта ҷ-би (Марат) Тажин чор соҳаеро баён дошт, ки Ҳукумати ҶҚ дар онҳо мехост ба «пешравӣ»-ҳо ноил гардад: ин қонуни интихобот, қонунгузории бақайдгирии ҳизбҳои сиёсӣ, қонун оид ба ВАО ва ислоҳоти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошанд.

Ҳукумат ҳоло соли гузашта оиди ин масоил пешниҳодоти худро баррасӣ намуда, барои дидабарой ба Парлумон супорид, ки охирон онро қабул кард. Ислоҳотҳо аввали соли чорӣ ба кор даромаданд, яъне қариб як сол пеш аз Раисӣ кардани Қазоқистон дар САҲА. Ин шаҳодати он аст, ки кишвар дар роҳи модернизатсияи сиёсии давлат қадамҳои муайян гузоштааст ва умедвор ҳастам, ки минбаъд онҳо мунтазам ва бонатиҷа идома хоҳанд ёфт.

***IWPR:*** *Ба фикри шумо, оё Қазоқистон ба зобитаҳои САҲА ҳамчун аъзо ва чанд рӯз пас ҳамчун Раиси ин ташкилот мувофиқат мекунад ё на?*

***Келчевский:*** Қазоқистон – аъзои комилҳуқуқ ва арзандаи САҲА мебошад. Ба САҲА тамоми кишварҳои фазои аврупоӣ-атлантикӣ – тавре мегӯянд «аз Ванкувер то Владивосток» дохил мешаванд. Вазифаи асосии САҲА – хизмат кардан ҳамчун майдони гуфтугӯи сиёсӣ байни кишварҳо-иштирокчиён, новобаста аз пешравии онҳо ё дараҷаи иҷроиши унсурҳои умумии қабулкардашуда ва ӯҳдадориҳо баҳри ҳамди-гарфаҳмӣ ва амнияти бештар дар тамоми фазои САҲА мебошад.

***IWPR:*** *Ба фикри Шумо, барои риоя намудани ҳуқуқҳои инсон дар Қазоқистон чӣ халал мерасонад? Решаи мушкилӣ дар чист?*

***Келчевский:*** Он ҷараёнҳое, ки шумо дар бораи онҳо сухан меронед, душворанд. Аз онҳо дур шудан лозим. Инҷо қонунҳои физика кор намеоянд. Ин ҷараёнҳо хислати дарозмуддат доранд ва ба он нафақат ҳукумат, балки ҷомеа низ масъулиятнок аст.

Масалан, системаи судиро мегирем. Кӣ гуфта метавонад, ки барои гузаштани он аз ҳувияти асосан таъқиботиву худкома ба нисбатан инсондӯстона чӣ қадар муддат лозим меояд? Ин аз иродаи сиёсии давлат ва авзоъи умумии ҷомеа вобаста аст. Бинобар ин, кори ВАО ва ҳамчунин, корҳои тарбиявӣ дар мактабҳои миёна ва олӣ хеле муҳим аст.

***IWPR:*** *Ба ақидаи коршиносон, аксари бадбахтиҳои мо аз нигилизми ҳуқуқӣ, таҷрибаи сусти истифодабарии ҳуқуқ мебошад. Дар шароити кунунӣ бо он чӣ гуна мубориза бурдан мумкин аст? Чӣ бояд кард, ки одамон ба қонун бовар карда, ҳуқуқҳои худро ҳимоя карданро сар кунанд?*

***Келчевский:*** Аз ман ягон дастурамали мӯъҷизаоварро интизор нашавед. Ин ҷараёнҳои дарозмуддат ҳастанд (ҷомеа-шиносон инро хуб медонанд). Дар олам ягон ҷое нест, ки дар он боварии комил вуҷуд дошта бошад.

Ҳама чиз оҳиста-оҳиста бунёд меёбад, кишвари шумо бошад, гузаришро ба ҷомеаи бештар демократӣ, транспарентӣ ва адолатпарвар нав оғоз кардааст. Ҳамчунин вазъиятро дар кишварҳои ҳамсоя, минтақа ва фазои собиқ шӯравӣ низ ба назар бояд гирифт. Баробари ин, аксари масъалаҳо бо ҳам алоқаманд ҳастанд ва дар алоҳидагӣ ҳал намешаванд. Ба ин маънӣ фикр кардан мумкин аст, ки марҳилаи муайян дар ин ҷараён он вақт гузашта ба ҳисоб меравад, вақте системаи ивазшавии ҳукумат, ба мисоли Россия ба кор меояд ва нафақат як бор, балки чандин борҳо.

***IWPR:*** *Ба фикри Шумо, кадом ҳуқуқҳои инсон дар Қазоқистон бештар поймол карда мешаванд?*

***Келчевский:*** Инҷо омор ҷамъ кардан имкон надорад. Масоили бештар душвор низ хислати системавӣ доранд. Воқеан дар ҳама кишварҳо ҳамин тариқ аст. Бинобар ин, Маркази мо доираи васеи ташаббусҳоро дастгирӣ менамояд, ки аз рӯи онҳо сохторҳои давлатӣ дар робита бо ТҒҲ-ҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ кор мебаранд.

***IWPR:*** *Тахминан як сол пеш Шумо гуфта будед, ки ҷомеаи*

*шаҳрвандии Қазоқистон нав тавлид ёфта истодааст. Ба нигоҳи Шумо, имрӯз ТҒҲ-ҳо дар Қазоқистон то кадом андоза самаранок ҳастанд?*

***Келчевский:*** Бале, ҷомеаи шаҳрвандӣ тавлид меёбад, ва рӯз ба рӯз мустаҳкамтар мегардад. Садои ТҒҲ торафт баландтар мешавад. Худи ТҒҲ-ҳо, тавре ба ман маълум аст, дар ҷомеа соҳибэҳтиром гашта, бештар тахассуснок шуда истодаанд. Ва ниҳоят, маҳз ҷомеаи шаҳрвандӣ «оинаи» кишвар, нерӯи ҳаракатдиҳанда барои дигаргуншавӣ – тартибдиҳандаи асосии сохтори демократии кишвар мебошад.

***IWPR:*** *Самаранокии фаъолияти сохторҳои давлатии ҳифзиҳуқуқро чӣ гуна метавонед баҳо диҳед – Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, омбудсмен ва диг.?*

***Келчевский:*** Тавре медонед, Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон яке аз ҳуҷҷатҳои асосии стратегиро барои пешбарии ҳуқуқҳои инсон дар ҶҚ – нақшаи миллии амалиётро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар ҶҚ барои солҳои 2009-2012 баррасӣ намудааст. Омбудсмен низ ҳар сол ҳисобот дода маърӯза интишор менамояд. Вале то соли гузашта ин ҳуҷҷат танҳо ба забонҳои русӣ ва қазоқӣ дарҷ мешуд. Маркази мо тавсия дод, ки он ба забони англисӣ тарҷума карда шавад, то ҳуҷҷат васеътар паҳн карда шавад. Мо ин тарҷумаро маблағгузорӣ намудем, вале ин танҳо қадами хурдтаринест дар роҳи амалигардонии нақшаҳои калонтар – васеъгардонии фаъолият ва мандати омбудсман, ки соли оянда мо ният дорем дар ин ҷода кор барем.

***IWPR:*** *Ба ақидаи Шумо, оё раисӣ кардан дар САҲА боиси беҳшавии вазъият бо ҳуқуқҳои инсон дар Қазоқистон мегардад ё на?*

***Келчевский:*** Бале, – агар шумо кӯшиш намоед. Не, – агар ҳама инро аз худи раисикунӣ ва ё аз ягон ташкилоти байналхалқӣ интизор шаванд.

***IWPR:*** *Чунин андеша ҷой дорад, ки ба тасвибрасонии Протоколи Пакти байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон маҳз барои раисӣ кардан дар САҲА омода карда шуда буд. Дар ин бора чӣ ақида доред? Умуман раисии Қазоқистон дар САҲА то чӣ дараҷа ҷиддӣ аст? Охир аксарият чунин мешуморанд, ки ин амал барои имиҷ равона карда шудааст ва на беш аз он…*

***Келчевский:*** САҲА чандин бор батасвибрасонии Пактҳои байналхалқиро оид ба ҳуқуқҳои инсонӣ ва сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пазироӣ намудааст. Ин ду ҳуҷҷат яке аз унсурҳои байналхалқии асосии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мебошанд.

Батасвибрасонӣ ё ҳамроҳшавии кишвар ба онҳо маънии азми сиёсии кишвар барои кӯшиши иҷро намудани меъёрҳои байналхалқӣ ва унсурҳои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро дорад. Бешубҳа, пайвастшавии Қазоқистон ба Пактҳо имиҷи Қазоқистонро дар арсаи байналхалқӣ, аз ҷумла дар қатори кишварҳо-иштирокчиёни САҲА боло бардошт.

Вале бояд қайд кард, ки пеш аз тасдиқ намудани ин ду ҳуҷҷат аз ҷониби Қазоқистон Ҳукумати он, ташкилотҳои байналхалқӣ, сектори шаҳрвандӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд. Кӯшишҳои ҳамаи ҷонибҳо чанд муддат пештар, то қабули қарори Раисии Қазоқистон дар САҲА соли 2010, буданд.

Батасвибрасонии Пактҳо – ин гардиши муқаррарии ҳодисот аст, бадастоварии сатҳи муайяни омодагии кишвар барои қабули ӯҳдадориҳои байналхалқӣ дар ин соҳа.

Аз нигоҳи ман, ҳоло тамоми кӯшишҳоро барои муосидат намудан ба Қазоқистон дар амалигардонии стандартҳои байналхалқии дар Пактҳо гузошташуда, муттаҳид бояд кард.

***IWPR:*** *Аз моҳи октябри соли ҷорӣ қазоқистониён метавонанд ба кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон муроҷиат намоянд. Ба Кумитаи бартарафгардонии таҳқир (дискриминатсия) нисбати занон мо метавонем аллакай зиёда аз 8 сол боз муроҷиат намоем. Дар баробари ин, то ҳол ягон шикоят аз Қазоқистон нарасидааст. Ба фикри Шумо, ин бо чӣ вобаста аст?*

***Келчевский:*** Ман ду сабаби асосиро мебинам, ки чаро шаҳрвандони Қазоқистон ба Кумитаи СММ оид ба бартарафсозии таҳқир (дискриминатсия) нисбати занон муроҷиат накардаанд. Якумаш, натанҳо дар Қазоқистон, балки дар дигар кишварҳо низ исбот кардан ва беш аз он то расонидани қарори судии далели таҳқир хеле душвор аст. Дар қонунгузории Қазоқистон то ба наздикӣ ва аниқтараш то қабули қонунҳо «Оид ба кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробари мардҳо ва занҳо» ва «Оид ба пешгирии таҷовузи хонаводагӣ» мафҳуми «дискриминатсия» тамоман ҷой надошт.

Дуюмаш, дар бораи ҳувият ва муносибати ҷомеа ба чунин масоилро фаромӯш насозед. Вале, тавре ба ман маълум аст, айни ҳол нисбати як парванда оиди таҷовузи хонаводагӣ, ки Маркази САҲА дар Остона соли 2008 мушоҳида дошт, ба Кумита шикоят омода карда шуда истодааст.

***IWPR:*** *Ба наздикӣ Федератсияи байналхалқии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон Қазоқистонро дар вайронкунии ҳуқуқҳои гурезагон ва муҳоҷирон айбдор сохт. Ба ақидаи Шумо, оё ин ба муносибати кишварҳо-иштирокчиёни САҲА нисбати Қазоқис*тон таъсир мерасонад ё не?

***Келчевский:*** Ҳисобот ва тавсияҳои Федератсияи байналхалқии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон оиди ҳодисаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва гурезагон дар Қазоқистон (ва Ҷумҳурии Қирғизистон) ҳукумати Қазоқистонро даъват менамояд, ки зимни масъалаи таъмини ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва гурезагон диққат намояд.

Мо умед дорем, ки бо мусоидати ташкилотҳои дахлдор, ба монанди Агентии СММ оид ба гурезагон ва Ташкилоти байналхалқии муҳоҷират, вазъият рӯ ба беҳбудӣ мениҳад.

Бори дигар мехостам хотиррасон кунам, ки дар саҳнаи байналхалқӣ муносибатҳо байни кишварҳо дар асоси дарозмуддат сохта мешаванд.

Бинобар ин, иҷозат диҳед диққати шумо ва хонандагонро ба он равона кунам, ки барои кишварҳо-иштирокчиёни САҲА аз ҳама муҳимаш – ин раисии бомуваффақияти Қазоқистон дар САҲА соли 2010 мебошад. Ин барои ташкилоти мо ва барои амалигардонии мақсадҳоии асосии он: нигоҳдории амният ва пешбурди ҳамкорӣ хеле муҳим аст.

## ҚОНУНИ НАВ ДАР БОРАИ МАХФИЯТИ ҲАЁТИ ШАХСӢ МЕТАВОНАД ФИШОРОВАРИРО БА ОЗОДИИ СУХАН АФЗУН ГАРДОНАД

*Ба гуфтаи ҳуқуқҳифзкунандагоне, ки ҳуқуқҳои ВАО-ро ҳимоя мекунанд, қонуни нав имкониятҳои рӯзноманигоронро барои кушодани далелҳои нохушоянд ба ҳукуматро маҳдуд мегардонад.*

***Артур Нигметов – рӯзноманигори беруна аз шаҳри Уралск (Қазоқистони гарбӣ), хабарнигори радиои «Озодӣ»***



Тибқи суханони ҳуқуқҳифзкунандагон, ки ҳуқуқҳои ВАО-ро ҳимоя мекунанд, қонуни барои Қазоқистон нав барои рӯзноманигорон метавонад маҳдудиятҳои ҷиддиро ба миён оварад ва бо ин дастрасшавӣ ба гирифтани маълумот оиди ходимони ҷамъиятиро маҳдуд мекунад.

11 ноябр палатаи поёнии парлумон лоиҳаи қонунеро қабул намуд, ки ба қонуни амалкунанда ислоҳот медарорад ва тибқи он ҳуқуқи шаҳрвандонро барои махфӣ доштани ҳаёти шахсӣ ҳифз менамояд. Мақсади чунин тағйиротҳо пурзӯргардонии амнияг аз дахолат ба чунин соҳаҳои ҳаёти шахсӣ, мисли пардохтҳои шахсӣ, махфияти гуфтугӯҳои телефонӣ ва мактубнависӣ, инчунин барои вайронкунии қонуни мазкур ҷазои ҷиддиро ворид менамоянд.

Сипас, лоиҳаи қонун барои қабул кардан ба палатаи болоии парлумон – Сенат ирсол карда шуда, пас аз ин, барои ба имзорасонии охирон ба президент Нурсултон Назарбоев пешниҳод карда мешавад.

Бархе аз ин тағйиротҳо ба ҳуқуқҳифзкунандагон писанд меоянд, масалан, чораҳое, ки ба муфаттишон имконияти истифодабарии маълумотеро, ки тавассути гӯшкунии гуфтугӯҳои телефонӣ ба даст оварда шудаанд, душвор сохта, инчунин барои онҳо дар ҳоли таҳрифи далелҳои бо чунин роҳ пайдокарда, ҷазо пешибинӣ менамояд.

4 ноябр дар баррасии нахустини лоиҳаи қонуни мазкур дар парлумон ҷонишини вазири адлия Марат Бекетаев изҳор намуд, ки чораи сахтарини ҷазодиҳӣ танҳо дар он ҳолат истифода бурда мешавад, вақте ҳуқуқи махфияти ҳаёти шахсӣ тавассути паҳнгардонии оммавӣ, аз ҷумла ВАО поймол шавад.

Медиафаъолони пешсаф – Сейтказы Матаев, сардори «Иттиҳоди рӯзноманигорон» ва Тамара Калеева, президенти фонди ҳифзи озодии сухан «Одил соз» - бар зидди ин лоиҳаи конун баромад намуда, арз намуданд, ки чораҳои оиди ҳифзи ҳуқуқи ҳаёти шахсӣ бояд бо кафолатҳо дар асоси ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумот ҳамроҳ бошанд.

28 октябр дар изҳороти ҳамҷояи Матаев ва Калеева омадааст, дар қонун барои рӯзноманигорон ҳуқуқи навиштан дар бораи ходимони оммавӣ бояд нигоҳ дошта шавад ва ҷавобгарии ҷиноӣ барои тӯҳмат бекор карда шавад. Дар акси ҳол, мегӯянд Матаев ва Калеева, парлумон ин лоиҳаи қонунро бояд рад намояд.

Матаев ва Калееваро он ваҷҳи лоиҳаи қонун нигарон мекунад, ки мувофиқи он барои истифодабарии ВАО барои паҳнкунии маълумот оиди ҳаёти шахсии инсон, маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати 5 сол пешбинӣ шудааст.

Дар мусоҳибаи худ бо IWPR Калеева иброз дошт, ки ба фикри ӯ қонуни мазкур дар ҳақиқат барои маҳдуд намудани фаъолияти рӯзноманигорон равона карда шудааст. «Қонун барои ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандони оддӣ, ки чизи пинҳонӣ аз ҷомеа доранд, равона карда нашудааст, – андеша мекунад Калеева. – Ба таъқиботи ҷиноӣ бошад, аз ҳама рӯзноманигорони принсипалӣ ва боистеъдод, ҳангоми иҷрои вазифаи касбиашон гирифтор мешаванд».

Вакили парлумон, Владимир Нехорошев, ҷонибдори лоиҳаи қонуни мазкур буда, изҳор намуд, ки вазифаи асосии ин қонун «батартибдарории рафтори рӯзноманигорон» мебо-

шад. «Вазифаи рӯзноманигор дар он аст, ки ҳангоми иҷрои вазифаи касбии худ дар рафти ҷамъоварии маълумот ба манфиати ҷомеа, ӯ бояд дар бораи гузоштани эҳтиром ва шафқат нисбати шахсоне, ки ба ҳаёти шахсии онҳо дахолат менамоянд, фаромӯш накунанд, – мегӯяд вакил. – Озодии сухан, бе ҷавобгарӣ ба он буда наметавонад».

Ҳуқуқшинос Сергей Уткин мегӯяд, ки Қазоқистон бояд ба намунаи қонуни ба ин монанди дар Россия қабулшуда такя намояд, ки тибқи он ҷазодиҳӣ танҳо дар он сурат пешбинӣ шудааст, агар маълумоти хусусӣ бо мақсади ғанигардонии шахсӣ паҳн карда шудааст. «Ба рӯзноманигорон чунин меъёр дахл надорад, – шарҳ медиҳад Уткин.

- Дар мисоли мо, гумон дорам, ин қонунро мебояд ё қабул накунем, ё бо қонунгузории русӣ ба мутобиқат оварем.

Ҳамчун нозири беруна коршиноси маркази россиягии технологияҳои сиёсӣ Сергей Расов бовар дорад, ки қабули қонуни мазкур ба карахтшавии пурраи васоити ахбори омма дар Қазоқистон оварда мерасонад.

«Агар дар Қазоқистон ин қонунро қабул намоянд, маълумоти гуногун, хоҳ манфӣ ва хоҳ мусбӣ бо қаҳрамони мақола ё сужети телевизионӣ бояд ба мувофиқа расонида шавад, -мегӯяд Расов. Дар дигар сурат ҳар як мансабдор дар асоси қонунӣ метавонад рӯзноманигорро ба маҳбас фиристонад, масалан барои он ки ӯ дар бораи суратҳисобҳои ӯ, мошин, бизнес, ороишоти қимматбаҳои ҳамсараш ва ғ. навиштааст».

Айдос Сарим, воқеанигори сиесӣ аз Қазокистон чунин мешуморад, ки сабаби махсусе вуҷуд дорад, ки ҳукуматдорон хоҳиши ворид кардани қонуни боз ҳам сахтгиртарро доранд.



Соли 2007 домоди президент Назарбоев Роҳат Алиев аз кишвар фирор карда буд, то ин ки аз таъқиботи ҷиноӣ, барои дуздидани банкир халосӣ ёбад. Тирамоҳи худи ҳамон сол дар Интернет якчанд сабтҳои аудиои сӯҳбатҳои телефонии ба ном мансабдорони боломақоми қазоқ пайдо шуданд, ки дар ин гуфтугӯҳо амалан дар содир намудани як қатор ҳуқуқвайронкуниҳо иқрор мешаванд. Алиев ки он замон дар хориҷа буд, дар ошкор намудани маводи мазкур бо мақсади қасдгирӣ аз ҳукуматдорони қазоқ айбдор карда шуд.

Ба кушода мондани мавзӯи ҳақиқат доштани ин сабтҳо нигоҳ накарда, ба гуфтаи суханони Сарим, онҳо ба эътибори президент Назарбоев ва атрофи ӯ латмаи ҷиддӣ расониданд. «Барои бехатар гардонидани худ дар оянда, ҳукумат ба чунин чорабиниҳои пешгирикунанда, вале хеле номақбул даст мезанад», – мегӯяд Сарим.

Соли 2009 барои аҳли қалам соли на онқадар хуш буд. Бо даъвои узви парлумон, ки гӯё ӯро тӯҳмат кардаанд, рӯзномаи мустақили «Тасжарган» баста шуда, ба рӯзномаи «Республика» ҷаримаи бисёрмиллиона барои тӯҳмат нисбати бонки БТА баста шуд. Моҳи август Рамазон Есергепов, соҳибмулк ва сардабири рӯзномаи «Алмато Инфо» ба се соли маҳкама барои ошкор намудани сирри давлатӣ маҳкум шуда буд, пас аз он, ки дар рӯзномаи ӯ мақолае дар бораи чӣ гуна кормандони амнияти Қазоқистон бо ширкати соҳибкори маҳаллӣ барои насупоридани андоз рафтор намуданд, нақл шуда буд.

Худи ҳамин тобистон парлумон қонунеро қабул кард, ки маҳдудкунии озодии суханро барои махзанҳои Интернет пешбинӣ менамояд. Ба гуфтаи ҳукуматдорон тавассути ворид сохтани қоидаҳои монанд барои ВАО, онҳо кӯшиш доранд, бо ҷинояткориҳое ки дар пояи тоқатнопазирӣ ва порнография дар Интернет ба вуқӯъ меоянд, мубориза баранд. Медиафаъолон эътироз доранд, ки чунин иқдом ҳамчунин кӯшиши фишороварӣ ба Интернет – бунгоҳи охирини ахбори мустақил ва озодии сухан мебошад.

# ҒУЛОМДОРӢ ДАР ШАРҚИ ҚАЗОҚИСТОН «РАСМ МЕШАВАД»

*Бесарпаноҳонро дуздида, маҷбур месозанд то чун ғулом кор кунанд.*

***Яна Герасименко аз Семея***



Кормандони полис дар ин зимистонгузаронак боз се ғуломи боқимондаро пайдо карданд. © IWPR

Кормандони полис ва гурӯҳҳои ҳифзи ҳуқуқ дар қисмати шарқии Қазоқистон таъкид мекунанд, ки ҳодисаҳои одамрабоӣ ва ба кор маҷбур кардани онҳо ҳамчун ғулом дар фермаҳои алоҳида, ба қайд гирифта шудаанд.

Дар натиҷаи тафтишоти кормандони полиси шӯъбаи кор бо ҷинояткории муташаккили Қазоқистон се асирро озод намуданд, ки онҳоро дар ноҳияи Абаи вилояти Қазоқистони шарқӣ маҷбуран нигоҳ медоштанд.

Айдарбек Тлеубеков, капитани полис, ки «ғуломдоронро» дастгир намудааст, нақл кард, ки ҷамъоварии чунин коргарон аз рӯи кадом нақша рӯй медод. «Писари сисолаи хӯҷаин ба шаҳри Семей (ба забони русӣ ҳамчун Семипалатинск машҳур аст), ки чандсад километр дуртар аз деҳа ҷойгир аст, равон мешуд. Худро корманди полис муаррифӣ намуда, ӯ оворагони кӯчагиро «барои майнӯшӣ дастгир менамуд» ва ба «хонаи замистона» (ба хонаи ноободи дар дашт буда, ки барои истиқомати подабонон таъин буд) мефиристод», – мегӯяд капитани полис.

Ҳамин тариқ, ғуломдорон чор нафарро дастгир намуданд, ки сетои онҳо бесарпаноҳ буданд – ҳамсарони чилсола ва марди 55-сола.

Чорум, гилкори 50-сола Қодиралӣ гашт, ки ғуломдорон ӯро оворагард гумон карданд, зеро пас аз рӯзи корӣ дар сохтмон либосаш чиркин шуда буд. Онҳо ба ӯ май нӯшонида, ба деҳа бурданд, ва дар онҷо ба ӯ гуфтанд, ки ба ивази араҷи нӯшидааш як моҳ ба онҳо бояд кор кунад.

«Вақте ман муқобилат карда, ба хона гурехтанӣ мешудам, онҳо таҳдид менамуданд, ки дар амбор аз пойҳоям кашол мекунанд, – нақл кард дар полис Қодиралӣ пас аз озод шуданаш. – Ба мо хӯроки хуб намедоданд, танҳо макарон ва нон. Баъзан гӯсфанди аз касалӣ мурдаро мехӯрониданд. Тоқати ман онвақт лабрез шуд, вақте фаҳмидам, ки барои меҳнатам ягон чиз намедиҳанд».

Ба хотири баргаштан ба хона, Қодиралӣ таҳдид намудааст, ки агар ӯро сар надиҳанд, тамоми хонаи замистонаро оташ мезанад: «Он гоҳ ба ман ҷавоб доданд: «Чор тарафат қибла». Вале куҷо бояд рафт?

На ман, на онҳое, ки бо ман кор мекарданд, намедонистанд, кадом тараф роҳ равем», – мегӯяд Қодиралӣ. Пиёда расидан ба ягон шаҳри наздикбуда ғайриимкон буд, зеро дашт ба масоҳати садҳо километр тӯл мекашид. Ғайри ин, атрофи хонаи зимистона тӯдаи гургон мегаштанд, ки баъзан аз рама гӯсфанд мерабуданд. Соҳибони хонаи замистона медонистанд, ки имконияти гурехтани асирон тамоман кам аст, бинобар ин, онҳоро бонӣ ҳам намекарданд.

«Вале ман барои озодиам мубориза бурдам», – мегӯяд Қодиралӣ ва нақл кард, ки чӣ гуна чанд одамро илтимос кардааст, ки онҳо ӯро то Семей биёранд ва онҷо зуд ба полис муроҷиат намуд.

Зимни гуфтаҳои кормандони полис, агар Қодиралӣ ба наздашон намеомад, онҳо ҳеҷ гоҳ он хонаи замистонаи ғуломдоронро намеёфтанд.

«Дар вилояти мо маҳз чунин намуди ғуломдорӣ паҳн гаштааст, – мегӯяд Нозигул Ахметкалиева, директори ташкилоти ғайриҳукуматии «Феникс», ки дар вилояти Қазоқистони шарқӣ амал намуда, ба зарардидагони истисмор дар ғуломӣ кӯмак мерасонанд. Марти соли 2008 дар ноҳияи Жармин ду ҳамсаре бозёфт ва озод карда шуданд, ки дар ғуломӣ нигоҳ дошта мешуданд. Майи соли ҷорӣ дар ноҳияи Урҷар ҳодисаи ба ин монанд рӯй дода буд».

Аз рӯи парвандаи мазкур ҳоло ҳам чорабиниҳои тафтишотӣ гузаронида шуда истодаанд, пасон полис бояд қарор барорад, ки хӯҷаинони хоҷагии деҳқониро айбдор кунанд ё не. Ба ақидаи IWPR агар кор то суд расад, он мувофиқи моддаи 128 Кодекси ҷиноии Қазоқистон «Хариду-фурӯш ё дигар муомилот нисбати шахс ва ҳамчунин истисмор ё гумроҳсозӣ, интиқол, пинҳон доштан, инчунин иҷро кардани дигар амалҳо бо мақсади истисмор кардан» маҳрум карданро ба мӯҳлати аз 7 то 15 сол дар назар дорад.

Ҷалб намудан барои ҷавобгарӣ тибқи моддаи 128 – дар вилояти шарқи Қазоқистон ҳодисаи камёфт аст, зеро исбот кардани гуноҳи «ғуломдор» хеле душвор аст, қурбониён бошанд, барои гирифтани кӯмак ба ҳукуматдорон бо дили нохоҳам муроҷиат мекунанд.

Аз се парвандаи ҷиноии аз рӯи ин модда айни ҳол ба қайд гирифташуда, яктоаш истисмори ҷинсӣ буда, ду дигараш – меҳнатӣ аст. Парвандаи ҷиноии чорум аз рӯи моддаи 133 – истисмор нисбати ноболиғон буда, айбдоршаванда ба мӯҳлати 10 сол аз озодӣ маҳкум карда шудааст.

Тибқи маълуоти Вазорати корҳои дохилаи Қазоқистон, ҳамагӣ дар кишвар аз рӯи моддаи 128 – 128 парвандаи ҷиноӣ ва аз рӯи моддаи 133 – 16 парвандаи ҷиноӣ кушода шуда аст.

Ахметкалиева кайд мекунад, ки ба ғуломдорӣ натанҳо шаҳрвандони Қазоқистон, балки инчунин шаҳрвандони кишварҳои ҳамсоя Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Россия низ меафтанд.

«Соли 2005 дар ноҳияи Урҷар шаҳрванди Россия пайдо ва озод карда шуд, ки ӯро соҳибкорзан 5 сол нигоҳ медошт, – мегӯяд Нозигул Ахметкалиева. – Ӯ сохтмончигӣ ва подабонӣ карда, дар хонаи хунук иқомат дошт ва барои меҳнаташ музд намегирифт. Ӯро танҳо тавассути барномаи россиягии кофтуковӣ «Жди меня» пайдо намуданд, ки дар он модари ӯ муроҷиат карда буд».

Алия Аликова, ҳамоҳангсози лоиҳа оид ба зиддиятоварӣ ба савдои одамон, ки бо ташкилоти байналхалқии муҳоҷират дастгирӣ мешавад, мегӯяд, ки «вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва рушди иқтисодии шаҳр, минтақаҳои деҳоти Қазоқистон низ нуктаи ҷалбкунанда барои муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон гаштаанд».

Аксари ин муҳоҷирон ба Қазоқистон бо хоҳиши худ омадаанд, то барои оилаҳои дар ватан мондаашон кор кунанд. Барои одамоне, ки ба ғуломӣ афтодаанд, ё бо мушкилиҳои монанд дучор шудаанд, миссияи СБМ ду паноҳгоҳи махсусро барои қурбониёни савдои одамон, инчунин телефони боварӣ барои маълумотноккунии аҳолӣ дар бораи хатари одамфурӯшӣ кушодааст. Дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳо миссияи СБМ дар Қазоқистон ҳамасола қариби 100 нафарро кӯмак мерасонад.


Фермае, ки дар он ҷиноят содир карда шуда буд. © IWPR

Ҳарчанд кормандони полис парвандаҳои ҷиноии мазкурро тафтишот мебаранд, онҳо на ҳама вақт ба одамони ба ғуломӣ афтода, ҳамдардӣ мекунанд.

Зимни суханони Елубек Оспанов, сардори шӯъбаи маълумот ва сиёсати забонии ШКД-и шаҳри Семей, одамони бехонаву дар бештар вақт худ гунаҳкори он ҳастанд, ки ба чунин ҳол гирифтор шуданд. «Аксари онҳоеро, ки мо барои оворагардӣ дастгир менамоем, дар шаҳр хешовандоне доранд, ки барои сарпаноҳдодани онон омода ҳастанд. Вале чунин шахсон дар зери сарпаноҳии оилаашон зиёдаш ду ҳафта тоқат намуда, сипас боз мегурезанд. Ба ҳамааш майнӯшӣ гунаҳкор аст», – мегӯяд Оспанов.

Александр Гурин, ҳуқуқшиноси иттиҳоди ҷамъиятии «Дом» дар шаҳри Семей чунин мешуморад, ки мушкилии ғуломдорӣ нав нест ва дар Қазоқистон аз солҳои шӯравӣ вуҷуд дорад: «Аз оғози солҳои 80 то 90 дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кор мекардам ва бо чунин ҳодисаҳо дучор мешудам, – ба хотир меорад Гурин. – Оворагонро ба бригадаҳои корӣ ҷамъ намуда, ваъда медоданд, ки ба ивази корашон маош медиҳанд, вале сипас маҷбур мекарданд ройгон кор кунанд…

Аз рӯи чунин ҳодисаҳо одатан парванда кушода намешуд, зеро «ғуломони» озодшуда ариза навиштан намехостанд. Шояд ба онҳо фишор оварда мешуд».

«Он чизе ки ҳоло рӯй медиҳад, – мероси солҳои гузашта, анъана мебошад», – хулоса кард ӯ.

Роҳбари ТҶ «Дом» Майра Абенова таъкид менамояд, ки ҷудоии иҷтимоии афзуншаванда дар Қазоқистон ба дилсардии ҷомеа оварда расонидааст.

«Ҷомеа ба табақаҳои доранда ва камбизоатон ҷудо шудааст. Одамони ба ном навъҳои «паст» ва «баланд» пайдо шудаанд.

Ҳатто кӯдакон ҳоло чунин мешуморанд, ки оворагон – одам нестанд, – мегӯяд Абенова. – Фикр дорам, ки хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар онҳо қувваи кории ғайриқонунӣ истифода бурда мешавад, дар Қазоқистон кам нест.

# ҶИНОЯТКОРИИ НОБОЛИҒОН БАРОИ МАКОТИБИ ҚИРҒИЗИСТОН МУШКИЛИИ ҶИДДӢ ШУДААСТ

*Ба гуфтаҳои коршиносон, наврасони қонуншикан бисёр вақт он чиро ки дар атроф мебинанд, такрор менамоянд.*

***Асил Осмоналиева – рӯзноманигор аз Қиргизистон, ки тренингҳои IWPR-ро гузаштааст.***

Баррасии парвандаи шаш наврасе, ки ба латукӯби як ҳамсинфашон, ки сабаби марги ӯ гаштааст, айбдор мешаванд, диққати ҷомеаро ба афзоиши таҷовуз дар макотиби Қирғизистон ҷалб намудааст.

Тибқи ахбори агентии АКИ-press, баррасии аввалин оид ба парвандаи марги Садабой уулу Нураки 15-сола дар суди ноҳияи Бакай-Атини вилояти Талосс 2 декабр шуда гузашт. Ба шаш судшаванда аз рӯи таҳдидкунӣ, тамаъҷӯӣ ва «қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ба саломатӣ, ки аз беэҳтиетӣ ба марги ҷабрдида оварда расонидааст» айбдорӣ пешбинӣ карда шудааст.

Тавре коршиносон мегӯянд, рэкет дар аксари мактабҳои кишвар паҳн шудааст ва барои ҳалли ин мушкилӣ муносибати ҷомеаро иваз карда, ҳамчунин гузаронидани як қатор ислоҳот дар системаи таълимӣ лозим аст.

Тадқиқоти ба наздикӣ гузаронидашудаи кормандони ташкилоти «Эл Пикир» нишон дод, ки 34 фоизи мактаббачагон далелҳои тамаъкории доимиро дар мактабҳояшон тасдиқ намуданд. Вазъият чунон ҷиддӣ гаштааст, ки вакилони парлумон комиссияи махсусро барои омӯзиши масъала ташкил намуданд.

Таҳлилгарон таъкид доранд, ки афзоиши таҷовуз ва ҷиноякорӣ дар мактабҳо натиҷаи бевоситаи таҳоҷумоти иҷтимоӣ мебошанд, ки дар Қирғизистон аз давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1991 ҷой доштанд, мебошад ва инъикоси он намунаи рафторе, ки наврасон дар ҷомеаи онҳоро иҳотакунанда мебинанд.

Пештар соли 2009 рӯзноманигори радиои IWPR Жанар Акаев бо мактаббачагони Ош сӯҳбат намуда буд ва онҳо нақл мекарданд, ки чи гуна дастаҳои наврасон пул талаб менамуданд ва онро «андоз» меномиданд; ҳамсинфонашонро барои пул надодан латукӯб намуда, ба ивазаш муҳофизатро аз дастаҳои рақибон пешниҳод мекарданд. (Зӯроварии дастаҳо дар мактабҳои ҷануби Қирғизистон (Gang Culture Rife in Southern Schools).)

Тибқи хабари агентии АКИpress дар воқеа куштори аз беэҳтиетӣ рӯй дода, қурбонии он зери таъзиқи гурӯҳи синфҳои болоӣ, ки худро «Иттиҳоди мардон» меномиданд ва аз мактаббачагон пул талаб мекарданд, буд. Ҳодисаи монанд дар ноҳияи Панфилови вилояти Чуй соли гузашта рӯй дода буд, вақте писарбача пас аз надодани пул ба хонандагони синфҳои болоӣ латукӯбшуда ба ҳалокат расид.

Зимни гуфтаҳои кормандони милиса, солҳои охир ҷиноятҳои дар мактабҳо содиршуда торафт вазнин шуда истодаанд. Марат Мундузбоев, инспектори калони Идораи амнияти ҷамъиятии (ИАҶ) Вазорати корҳои дохила мегӯяд, ки ӯро бештар «тамоюли афзоиши ҷиноятҷорӣ байни кӯдакон ва наврасон неву бераҳмии онон» ташвиш медиҳад.

«Ҳар касе, ки худро сарвар, атаман, роҳнамо дар муҳити худ меҳисобад, одатан бо худ ягон яроқ мегардонад, – нақл мекунад Мундузбоев. – Одатан ин корди начандон калони ҷамъшаванда мебошад, ки онро ба категорияи аслиҳаи хунук бурда намешавад ва бинобар ин, мусодира карда намешавад. Наврасон ин чизро хуб медонанд ва ҳамчунин инро, ки бо чунин корд ба одам захмҳои ҷиддӣ расонида, ҳатто куштан мумкин аст». Бағайри тамаъкорӣ ва ғоратгарӣ дастаҳои ҷиноии рақобаткунанда дар занозаниҳои байниҳамдигарӣ иштирок мекунанд. Тавре Мундузбоев мегӯяд, ҳанӯз даҳ сол пеш чунин задухӯрдҳо бо вараму ва кабудиҳо тамом мешуданд. «Ҳоло бошад, онҳо бо кордзанӣ, осебҳои вазнин ва ҳатто марг анҷом меёбанд», – мегӯяд Мундузбоев.

Мундузбоев боз илова мекунад, ки духтарон низ то-





рафт бештар дар зӯроварӣ иштирок менамоянд ва ин аллакай ба чунин миқдоре рӯй медиҳад, ки ба Қирғизистон лозим аст колонияи алоҳидаро барои духтарони ҳуқуқшикан, ки ҳоло дар колонияҳои занона нигоҳ дошта мешаванд, бисозад. Коршиносон оид ба корҳои ҷиноятҡории кӯдакона қайд мекунанд, ки дастаҳои ҷиноятҡор ҳамеша вуҷуд доштанд, вале бераҳмиеро ки ҳоло онҳо намоиш медиҳанд, – падидаи нав буда, маҳсули ҷомеае, ки дар он зиндагӣ доранд, мебошад.

«Дар ҷамъияти писарбачагон ҳамеша сарваре ҳаст, ки гирди худ дигаронро ҷамъ меоварад ва шарт нест, ки гурӯҳи мазкур бо корҳои ғайриқонунӣ машғул мешавад, – маънидод мекунад Нурдин Омурбеков, сардори инспексияи корҳо бо ноболиғони ШКД-и ноҳияи Ленини шаҳри Бишкек. – Вале агар дар қатори кӯдакон ҷиноят зиёд шуд ва худи ҷиноятҳо бераҳмона ва таҷовузкорона шуданд, мо бояд дарк кунем, ки рафтори кӯдакону наврасон – аксуламали ҷомеаи мо мебошад».

Гулжамол Султаналиева, вакил аз фраксияи коммуни-



стон бо ин нукта розӣ аст: «Кӯдакон рафтори калонсолонро такрор мекунанд. Аз куҷо онҳо чунин механизми аниқ ва мулоҳизакоронаи тамаъкориро ёд гирифтаанд? Онҳо худ чунин моделро ихтироъ накардаанд, танҳо аз оилаи ҷиноятҡоронаи калонсолон нусхабардорӣ намудаанд», – ақида дорад ӯ.

«Солҳои 90 системаи ҳокимияти шӯравӣ пош хӯрд, гузариш ба режими капиталистӣ бо бӯҳрони бехудкунандаи иқтисодӣ, шикастдиҳӣ дар мафкураи одамон ҳамроҳӣ намуд, – мегӯяд Мундузбоев. – Ҳукумат назоратро аз даст дод, авҷгирии ҷиноятҡорӣ оғоз ёфт. Дар кишвар гурӯҳҳои қудратманди ҷиноӣ пайдо шудан гирифтанд, ки натанҳо бозорҳои хурд, қаҳвахонаҳо ва тарабхонаҳо, балки корхонаҳоро низ назорат мекарданд».

Ин насл ҳоло фарзандони худро пайдо кардааст, ки тибқи гуфтаҳои Мундузбоев, «аз волидон қоидаи асосиро азхуд намудаанд: оне ки қудратманд аст, ҳақ аст».

Хабарнигори IWPR бо соҳибкори 39-сола ҳамсӯҳбат шуд, ки дар он ӯ иқрор шуд: солҳои 90-ум ӯ бо ҳар коре, ки «пули калон ва зудро меоварад», – назорати бозорҳо, «андозбандии» савдогарони бозор барои таъмин кардани онҳо бо «муҳофизат», ё ғоратгарии оддӣ машғул мешуд.

Ҳоло бошад, ӯ дигар бо олам ҷиноӣ сарукор надорад ва бо чунин ҳолат дучор шуд, ки ба фарзанди худаш дар мактаб таҳдид мекунанд. Вақте писараш аз мактаб латукӯбшуда аз рэкетирони мактабӣ омаданро сар кард, падар ӯро ба машқҳои бокс равона кард, то ӯ тавонад худро ҳифз намояд. Вале вақте писараш ҳангоми машқ кардан осеб гирифт, соҳибкор фаҳмид, ки муқобилат нишон додан мушкилиро ҳал намекунад ва ӯро ба дигар мактаб гузаронд.

«Шояд ман писарамро то ҳол «марди ҳақиқӣ» кардан мегирифтам, агар дар рӯзномаҳо дар бораи марги мактаббача намехондам», – иқрор шуд ӯ.

Наврасон дар Қирғизистон ҳамчунин тарзҳои зӯровариро ҳамеша мушоҳида мекунанд, ки дар бораашон волидони онҳо, ки дар замонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба воя расида буданд намедонистанд.

Бо ҳавола ба сериали машҳури россиягӣ дар бораи гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ, Мундузбоев мегӯяд: «Писарбачагони имрӯза чунин филмҳоро ҳамчун дастур барои амалкунӣ қабул мекунанд». Зимни суханони Светлана Дербенева, рӯҳшиноси кӯдакон аз маркази эҳёкунии кӯдакон «Путник», «имрӯзҳо маълумоти бисёре, ки бераҳмӣ ва таҷовузкориро таблиғ мекунанд, пайдо шудааст. Кӯдакон бемонеа ба телефонҳои мобилии худ саҳнаҳои ҳақиқии занозанӣ, куштор, таҷовузро сабт мекунанд ва аз он бадтар – ба онҳо



тақлид карда, «сужетҳои муаллифии худро» сабт менамоянд».

Директори мактаби махсус барои ҷинояткорони хурдсол Эмилбек Алимбоев аз таҷрибаи худ медонад, ки муносибати бераҳмона бо кӯдакон аз ҷониби калонсолон боз як омили дигарест, ки таҷовузкориро ба миён меоварад.

Мусоҳибаи IWPR бо коршиносон ва намояндагони муассисаҳои гуногуни давлатӣ нишон медиҳад, ки тарзи зудамалкунандаи хотимадиҳии зӯроварӣ байни кӯдакон вуҷуд надорад ва ҳалли он танҳо замоне пайдо карда мешавад, ки нафақат ҳукуматдорон, балки тамоми ҷомеа мавҷудияти ин мушкилиро эътироф менамоянд.

«Барои ноил шудан ба натиҷаҳои ҳисшаванда дар мубориза бо рэкети мактабӣ, ҷалбсозии омӯзгорон, инспекторони корҳо бо ноболиғон, волидон, мактаббачагон лозим буда, ҳамчунин … назорати дарсравӣ ва корбарии ахлоқиву тарбиявиро дар мактабҳо зиёд гардонидан лозим аст», – мегӯяд инспектор Нурдин Омурбеков.

Модари мактабхони 13-сола мегӯяд, ки муаллимон ягон кӯшиш ба харҷ намедиҳанд, то рэкети мактабиро пешгирӣ намоянд.

«Ман чунин гумон дорам, ки муаллимони мактабҳо дар бораи ҳодисаҳои тамаъкорӣ огоҳ ҳастанд, вале афзалтар медонанд ба ин чашм пӯшанд. Шояд, онҳо нотавонии худро ҳис карда, эътибори худро дар назди дигар хонандагон гум кардан метарсанд», – мегӯяд зане, ки номи худро гуфтан нахост.

Мундузбоев даъват дорад шумораи кормандони милисаро дар мактабҳо бештар гардонанд, дар ҳоле ки ҳамкори ӯ Омурбеков исрор дорад, ки волидон бояд ҳарчи бештар вақти худро бо фарзандонашон гузаронанд. Аксари онҳо, ба гуфтаи Омурбеков, «аз тарбияи фарзандон дида, бо пулкоркунӣ бештар машғул ҳастанд».

Вакил Султаналиева мегӯяд, ки ҳар як инсон, нафақат вазорати маориф ва корҳои дохила, бояд дар ҳалли ин мушкилӣ иштирок намояд.

Ӯ ҳамчунин қайд кард, ки имрӯз ҷомеа ақаллан мавҷудияти ин мушкилиро эътироф намуд.

«Аз ҳама муҳимаш ин ки мушкилии рэкети мактабиро ниҳоят эътироф намуда, чорабиниҳои бартарафкунии онро оғоз намуданд ва мисли пештара мавҷудияти ин мушкилиро инкор наменамоянд, – мегӯяд Султаналиева. – Вақте ҷомеа мавҷудияти мушкилиро эътироф менамояд – инро аллакай ними ғолибият шуморидан мумкин аст».

# ПИРОНСОЛОН БАРОИ ЗИНДА МОНДАН МУБОРИЗА МЕБАРАНД

*Нафақапулиҳои хурд ва маоши паст сабаби он мегарданд, ки аксари одамони пиронсол дар хунукӣ ва гуруснагӣ умр ба сар мебаранд.*

***Нафиса Писареҷева, рӯзноманигор аз Тоҷикистон, ки тренингҳои IWPR-ро гузаштааст.***

Тоҷикистон – кишвари камбизоаттарини Осиёи Марказӣ – имрӯз ба пиронсолон давраи пирии арзандаро таъмин карда наметавонад, дар оянда бошад вазъият аз ин ҳам бадтар шуда метавонад, мегӯянд коршиносон.



Алевтинаи 68-сола, танҳо зиндагӣ мекунад. Нафақаи охиринаш аллакай ба охир расидааст, ояндааш бошад, ҳоло дур аст ва рӯзҳое мешаванд, ки чизи хӯрданӣ надорад. Шавҳараш ҳафт сол пеш вафот кардааст, писари ягонааш бошад, дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-97 ҳалок шудааст. Ӯ фамилияи худро номбар намекунад, зеро аз он қашшоқие, ки ҳоло ба он гирифтор аст, шарм медорад.

Алевтина тамоми умр ҳамчун муҳосиб кор карда, пас аз ба нафақа баромадан, боз ду сол дар ташкилоти худ фаъолият намудааст. Айни ҳол ӯ 64 сомонӣ (аз 15 доллар камтар) нафақапулӣ мегирад.

Пас аз марги шавҳар вазъияти ӯ бадтар шуда, маҷбур шудааст баъзе чизҳояшро муфт фурӯшад.

Бо душворӣ ба ду ҷойи барои синну солаш вазнин ба кор даромадааст – барои табақшӯӣ дар ошхона ва фаррошӣ дар беморхона.

Нафақапулии ӯ базӯр барои каме озуқавориву нақлиёти мусофиркашонӣ мерасад. Сару либос ба худ кайҳо боз намехарад, рӯзҳои якшанбе бошад, баъзан ба бозор баромада, либосҳои кӯҳнаашро савдо мекунад.

«Пули на он қадар калон бошад ҳам, ақаллан аз гуруснагӣ намемирам, бемор шавам ҳам, дар беморхона маро табибон аз муоина мегузаронанд», – мегӯяд ӯ.

Тоҷикистон – аз ҳама қашшоқтарин давлатҳои Осиёи Миёна буда, аз нисф зиёди аҳолии он аз ҳадди ақали камбизоатӣ, ки бо Бонки Умумиҷаҳонӣ 2 доллар дар як рӯз муайян шудааст, поёнтар зидагӣ мекунанд. Пас аз пошхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ кишвар касоди иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид.

Таи солҳое, ки аз он замонҳо гузаштаанд, пиронсолон ва дигар гурӯҳҳои ҳассос беш аз дигарон дида, аз пастшавии сатҳи ҳаёт, андозаи имтиёзҳо ва нафақапулиҳо, инчунин аз системаи бадшудаистодаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва тандурустӣ зарар дидаанд.

Солҳои охир Тоҷикистон ҳиҷрати оммавии шаҳрвандони қобили меҳнат, асосан мардонро, ки барои мардикорӣ ба Россия ва Қазоқистон сафар менамуданд, аз сар гузаронид. Маблағе, ки онҳо ба хонаҳояшон мефиристоданд, барои аксарияти оилаҳо наҷотдиҳанда буд, вале муҳоҷирати онҳо барои пиронсолон як вазниние гаштааст, зеро барои кор дар замин қариб касе намондааст. Ғайр аз ин, сохтори анъанавии оила, вақте ки насли калонсолон иззату эҳтиром карда мешаванд, вайрон шуда истодааст.

«Бо сабаби муҳоҷирати қисми асосии ҷавонон, дар деҳот танҳо мӯйсафедон ва занҳо кор мекунанд», – мегӯяд ҷомеашинос Фирӯз Саидов.

Тибқи нишондоди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоиии аҳолӣ, дар кишвар наздики 549 ҳазор одамони пиронсол ба ҳисоб меравад.

Айни ҳол нафақаи пасттарин дар кишвар 60 сомонӣ (14 доллар)-ро ва калонтарин – 300 сомонӣ ё 70 долларро ташкил медиҳад, вале пардохти нафақапулиҳо боздошт карда мешавад. Мувофиқи гуфтаҳои вазири меҳнат Шукурҷон Зуҳуров, сабаби асосии қарздорӣ аз рӯи нафақапулиҳо, сари вақт ҷамъ наовардани андози иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти андозситонӣ мебошад.

Одамони пиронсоли бекасу камбизоат ба нафақапулиашон иловапулӣ барои он мегиранд, ки ҳаққи истифодабарии газ ва нерӯи баркро пардохт карда тавонанд. Ғайр аз ин, ин қисмати шаҳрвандон танҳо 50% арзиши хизматрасонии маиширо пардохт менамоянд.

Нафақапулии Зинаида Гавриловнаи 76-сола 22 долларро ташкил медиҳад ва болои он ӯ ба андозаи 11 доллар имтиёз мегирад, ки онро Вазорати энергетика, ки ӯ дар он замоне кор мекард, ба ӯ пешкаш менамояд. Барои хизматрасонии маишӣ, телефон ва нерӯи барқ ӯ ними даромади худро пардохт менамояд.

«Дар бораи чунин ҳашамат ба монанди кофе, ҳасиб ва гӯшт



ман орзу карда ҳам наметавонам», – мегӯяд ӯ.

Ба табибон низ ӯ дер-дер муроҷиат менамояд, зеро ба доруворӣ маблағ надорад.

Ташкилотҳои ғайриҳукуматии Тоҷикистон, ки бо ҳалли мушкилиҳои пиронсолон машғул ҳастанд, ҳукуматро барои ба диққат гирифтани тавсияҳои Нақшаи байналхалқии Мадрид оид ба ҳалли мушкилиҳои пиршавӣ, ки аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ соли 2002 – бо зиёда аз 160 кишвар қабул шуда буд, даъват менамоянд. Ин созишномаи байналхалқӣ ҳукуматҳои кишварҳоро водор месозад, ки масоили пиршавиро ба ҳамаи стратегияҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла ба стратегияи пастгардонии камбизоатӣ дохил намоянд.

Заҳро Қурбонбекова, менеҷери лоиҳаи офиси тоҷикии ташкилоти HelpAge International, мегӯяд, ки кишвар дар остонаи пиршавии демографӣ қарор дорад ва аллакай ҳозир бояд чораҳо дид.

Айни ҳол дар барномаҳое, ки барои камшавии камбизоатӣ равона карда шудаанд, пиронсолон қариб ки ба назар гирифта намешаванд, мегӯяд Қурбонбекова. «Барои беҳбудсозии сифати ҳаёти одамон стратегияи алоҳидаро кор карда баромадан лозим аст» – илова мекунад ӯ.

Мансабдорони ҳукуматӣ иқрор мешаванд, ки чунин мушкилӣ вуҷуд дорад, вале истинод меоранд, ки барои баланд бардоштани сатҳи ҳаёти нафақахӯрон маблағ намерад, махсусан ҳоло, вақте Тоҷикистон оқибатҳои бӯҳрони умумиҷаҳонии иқтисодиро аз сар мегузаронад.

«Давлат ба пиронсолон ба қадри имкон кӯмак мерасонад, ва айни ҳол имкониятҳои молиявии давлат маҳдуд мебошанд», – иброз дошт сардори идораи ҳифзи иҷтимоии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Даврон Валиев.

Дар шароити мавҷудбуда, гуфт ӯ, баландшавии нафақа-пулӣ дар муддати наздик пешбинӣ намешавад. Ба гуфти ӯ, бартарияти ҳифзи иҷтимоии нафақахӯрон гузаронидани ислоҳоти системаи нафақагирӣ ва муташаккилсозии системаи хизматрасонии миллӣ мебошад. Мувофиқи лоиҳаи ислоҳот, ки ҳоло дар марҳилаи дидабарoӣ қарор дорад, системаи нави нафақагирӣ аз ҳақпулиҳои нафақавии кордиҳандагон, буҷаи давлатӣ, инчунин аз пасандозҳои нафақавии худи шаҳрвандон ҷамъ оварда мешавад.

Ба ақидаи ҷонишини директори Маркази тадқиқотҳои стратегӣ Сайфулло Сафаров, стратегияи дастгирии одамони пиронсолро қабул кардан лозим аст. «Қонунҳое ҳастанд, ки пиронсолонро дарбар мегиранд, вале онҳо наметавонанд тамоми спектри масъалаҳоеро, ки ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳоро дарбар мегирад, ишғол намоянд», – гуфт ӯ.

То ҳоле, ки ТҒҲ-ҳо ва ҳукумат тарзҳои баландбардории сатҳи ҳаёти пиронсолонро дида мебароянд, аксари онҳо аз гирифтани нафақапулии арзанда, хӯроки мувофиқ ва имконияти дамгирӣ дар давраи пирӣ, умедашонро кандаанд.

«Навакак аз бозор омадам ва палтои худро фурӯхтам, – мегӯяд Алевтина. – Ба ҳар ҳол, то нафақаи ояндаам зиндагиро давом додан мумкин мешавад».

# МУШКИЛОТИ ЁФТАНИ КОР БАРОИ ЗАНҲОИ АЗ МАҲБАС ОЗОДШУДА

*Камбизоатӣ ва муносибати ҷомеа ба занони маҳбасшуда, ки ин далелро шармандагӣ меҳисобад, сабаби шумораи зиёди маҳкумшавии дуюмбора байни заноне, ки аз маҳбасхонаҳо озод шудаанд, мегардад.*

***Салимахон Ваҳобзода, Душанбе (RCA 597, 2 декабри соли 2009)***

Роза – зани чил солает ва чунин ба назар менамояд, ки ба тақдираш тан додааст ва маҷбур аст, то дар маҳбас монад.

«Шояд ба шумо аҷиб бошад, вале дар зиндон ман худро нисбати дар озодӣ будан, беҳтар ҳис мекунам, – гуфт ӯ ба IWPR. – Ба ҳар ҳол, ман ин ҷо кор мекунам: дар фабрикаи хурдакак лавозимоти ҷойи хобро барои меҳмонхонаҳо медӯзам».

Роза бори дуввум аст ба муассисаи ислоҳотии ягонаи занона дар Тоҷикистон, ки аз пойтахти кишвар шаҳри Душанбе 70 км дуртар ҷойгир шудааст, маҳкум мешавад. Барои нашъаҷаллобӣ ӯ дар паси панҷара шаш сол гузаронида, боз барои ҳамин гуноҳ, пас аз ду соли озодшавӣ маҳкум гардид.

Ӯ мегӯяд, берун аз ҳудуди маҳкама ёфтани кор душвор буд; ӯ ягон гуна кӯмак аз ҳукумати маҳаллӣ намегирифт. Ниҳоят ба ӯ муяссар гашт, ки дар қаҳвахона кори табақшӯйро пайдо кунад, вале бо сабаби шароити вазнини корӣ, ӯ аз он ҷо рафт.

Байни ӯ ва соҳиби қаҳвахона бо сабаби надодани маошаш муноқишае ба миён омад, ва пас аз он, ӯ ба қаҳвахона баргашта, сумкаро бо даромади рӯзона дуздида пинҳон шуд.

«Ду дақиқа ман гаранг шуда истодам ва чизе дар даруни ман гуфт «гиру гурез» ва ҳамин тавр ҳам кардам», – нақл кард ӯ. Ин амалашро касе аз кормандон дид, пас аз ин, дар ин бора кормандони милиса хабардор шуданд ва аз қафояш то хона омаданд.

Роза – яке аз ҳазорҳо заноне, ки барояшон пас аз баромадан аз муассисоти ислоҳотӣ ба зиндагии муқаррарӣ баргаштан душвор мебошад. Байни онҳо сатҳи такрор шудани ҷиноят баланд аст.

Мансабдор аз муассисаи ислоҳоти занон ба IWPR нақл кард, ки зиёда аз 60 нафар аз 291 маҳбасшудагони соли 2007 авф кардашуда, боз ба колония афтодаанд. Аз он замон боз 30 нафаре, ки аз «занги аввал то занги охир» нишаста буданд, озод карда шуданд, вале қариб сеяки онҳо боз қонуншиканӣ карда, ба маҳбасхона афтоданд.

Лариса Кабилова, судяи Суди олии Тоҷикистон мегӯяд, ки набудани барномаҳои эҳёгардонӣ барои собиқ маҳбасшудагон, чӣ занон ва чӣ мардон, ба мӯҳлати дуюмбора оварда мерасонад.

«Аксариятро пеш аз мӯҳлат ҷавоб медиҳанд, вале, аз афташ, дар ҷомеа сабабҳое ҳастанд, ки ин занонро маҷбур месозанд боз ба зиндон баргарданд, ё ин ки онҳо қатори бекоронро дар ҷумҳурӣ зиёд мегардонанд», – гуфт ӯ.

Бо сабаби хунукназарӣ ва нобоварии паҳнгашта нисбати собиқ маҳбасшудагон, аксари кордиҳандагон онҳоро ба кор қабул намекунанд. Бӯҳрони ҷории иқтисодӣ, ки аксари муҳоҷирони дар Россия кор кардаистодаро, маҷбур сохт ба хона баргарданд, боиси боз ҳам душворшавии вазъият дар бозори меҳнати Тоҷикистон гашт.

Нилуфари 24-сола, аз 8 соли барои қочоқи нашъа маҳкум

шудааш, панҷ солашро дар зиндон гузаронид ва бо авфи умумии ба муносибати Иди байналхалқии занон эълон гашта, моҳи март озод шуда буд. Аз он замон то имрӯз ӯ кор мекобад.

«Менеҷер доир ба кормандон дар ширкати телефонӣ коғазҳои маро аз назар гузаронида, ҷавоби рад дод. Ман инчунин дар супермаркет кор кофтам, вале дар онҷо низ ба ман не гуфтанд. Акнун фикри онро дорам, чӣ гуна зиндагиамро пеш мебарам», – гуфт Нилуфар ва илова намуд, ки ҷои фаррошро дар мактаб ваъда карданд, вале ҳоло маълум нест, ӯро ба кор мегиранд ё не. Ҳатто то бӯҳрон Тоҷикистон яке аз кишварҳои камбизоаттарини Осиёи Марказӣ буд, зиёда аз ними аҳолии он пастар аз ҳадди ақали камбағалӣ зиндагӣ мекунанд, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ он 2 доллар дар як рӯз муқаррар карда шудааст.

Раиси Кумитаи ҳукуматии кор бо занон ва оила Хайринисо Юсуфӣ ба IWPR гуфт, мушкилоти корёбиро, ки собиқ маҳбусшудагон бо он рӯ ба рӯ мешаванд, хуб медонад.

«Мо кӯшиш мекунем дар навбати аввал занҳои серфарзандро соҳиби кор намоем. Ба ин қисмат занҳои маҳбусшуда низ дохил мешаванд, ки ба мо барои кӯмак муроҷиат менамоянд. Мутаассифона, на ҳама ба мо муроҷиат менамоянд, – гуфт ӯ. – Соли охир бӯҳрони иқтисодӣ вазъияти бо кор таъмин намудани занҳоро бадтар кард. Аксари соҳибкорон, ки пештар бо тавсияҳои мо занҳоро ба кори каммаош мегирифтанд, акнун ҷавоби рад медиҳанд».

Ғайри кумитаҳои ҳукуматӣ дар Тоҷикистон наздики 400 ташкилот мавҷуд аст, ки бо мушкилии занон машғул аст, вале ягонтои он доир ба масъалаи ба ҳаёт мутобиқсози занони маҳбусшуда машғул намешаванд.

Фурӯши ғайриқонунии нашъа одамонеро ҷалб месозад, ки кор ёфта наметавонанд; занҳо барои қочоқи нашъ бештар мераванд, зеро қочоқчиён чунин меҳисобанд, ки занҳо нисбати мардон камтар шубҳаовар ҳастанд.



Сарҳади тӯлкашида байни Тоҷикистону Афғонистон аз манотиқи кӯҳӣ мегузарад ва хуб муҳофизат намешавад, ин ҷиҳат барои қочоқи героин хеле мусоид аст, ки минбаъд ба Россия ва Аврупо интиқол мегадад.

Ҷонишини сардори муассисаҳои ислоҳотии Вазорати адлия Баҳром Абдулҳақов мегӯяд, ки аксари занҳо дар маҳбасхонаҳо барои қочоқи нашъа, фурӯш ва ё истифодабарии он маҳкум шудаанд.

Дар қатори дигар ҷиноятҳо – фурӯши одамон, танфурӯшӣ ва ғоратгарӣ мебошад.

Бори аввал Сабина, ки ҳоло 45 сола шудааст, барои қочоқи нашъа ва бори дуюм барои танфурӯшӣ ва нигоҳдории фоҳишахона маҳкум шудааст. Ба озодӣ баромада, ӯ ба гурӯҳе пайваст, ки бо ғоратгарӣ машғул буд ва акнун бори сеюм дар паси панҷара нишастааст.

Ӯ мегӯяд, ки берун аз зиндон зиндагӣ кардан ба ӯ душвор аст. Бо надоштани хона, пул ва кор, ӯ худро ватангадо ҳис мекунад ва тӯъмаи сабуки кормандони милиса мегардад, вақте онҳо амалиёт мегузаронанд.

«Онҷо аз тарс ҳамеша меларзӣ, ки туро кормандони милиса дастгир ва латукӯб накунанд, – мегӯяд ӯ. – Аз ин бадтар, вақте мефаҳманд, ки ман аз рӯи моддаи 205 (нигоҳдории фоҳишахона) маҳкум шуда будам ва пас аз пурсиш албатта тамаъкорӣ менамоянд».

Ба монанди рафиқи бадбахташ Роза, Сабина мегӯяд, ки дар маҳбасхона дар бораи хӯрок, кӯмаки тиббӣ ва боми болои сар фикр кардан лозим нест.

«Дар зиндон ҳама чиз оддӣ аст. Танҳо қоида ва вазифадориҳои онро риоя намудан лозим», – мегӯяд ӯ.

«Аз ин ҷо баромада, кӯшиш мекунам дигар қонуншиканӣ накунам, пули сабукро накобам ва содиқона кор кунам», – мегӯяд Аноргул, маҳбасшудаи дигар.

Айни ҳол дар колонияи занона қариб 290 маҳбасшудагон ҷой доранд. Авфи навбатӣ 4 ноябр эълон шуда буд ва ба он бисёр занҳои маҳбасшуда афтоданд. Вале эҳтимоли он ки онҳо бо ҳаёти хуб зиндагӣ мекунанд чунон кам аст, ки баргаштани онҳо ба маҳбасхона – танҳо гузашти вақт мебошад.

Салимахон Вахобзаде, хабарнигори «Народная газета» дар Душанбе.

# ҲУҚУҚҲИМОЯТГАР ЯК СОЛ КАМТАР ДАР МАҲБАС МЕШИНАД

*Суди аппелятсионии Тошканд ҳукмро нисбати ҳуқуқҳифзкунандаи ӯзбек Фарҳодхон Мухторов нармтар кард.*



Сурат Алянси ҳомиёни ҳуқуқи Узбекистон (www.pau-novosti.ucoz.ru)

3 декабр дар суди шаҳрии Тошканд оид ба парвандаҳои ҷиноӣ аппелятсияро аз рӯи парвандаи Фарҳодхон Мухторов – аъзои Алянси бақайдгирифтанашудаи ҳуқуқҳифзкунандаи Ӯзбекистон дида баромад. Суд ҳукми пешинаро мулоим гардонда, ҳуқуқшиносро ба чор соли маҳрумшавӣ аз озодӣ ҳукм баровард.

Ду моҳ пештар суди парвандаҳои ҷиноии ноҳияи Юнусободи Тошканд, ҳуқуқшиноси 41-соларо ба 5 соли маҳрумшавӣ аз озодӣ бо айбдоршавӣ дар қаллобӣ ва порадиҳӣ бо манфиати гурӯҳи ташаккулёфта маҳкум намуд.

Фарҳодхон Мухторов 17 июли соли 2009 дастгир шуда буд. ӯ нияти фурӯхтани ду хонаи худро дошт, пешакӣ аз харидорон як қисми пулро ҳамчун пешпардохт қабул карда буд. Парвандаи ҷиноӣ нисбати ҳуқуқшинос дар асоси даъвои сокини Тошканд Шоира Содиқбекова кушода шуда буд, ки дар он ӯ овардааст, се сол пеш ба Мухторов ба андозаи чор ҳазор доллари амрикоӣ барои иштирок ҳамчун ҳимоятгари ҷамъиятӣ дар суд, пора додааст. Тибқи гуфтаҳои ӯ, Мухторов ин пулҳоро бояд ба судя месупорид. Мухторов, ки то баҳори соли 2009 дар аксари мурофиаҳои судӣ ҳамчун ҳимоятгари иҷтимоӣ, инчунин дар пикетҳои ҳуқуқшиносон бар зидди шиканҷаоварӣ ва меҳнати маҷбурии кӯдакон дар пахтачинӣ иштирок менамуд, гуноҳи худро дар рафти тафтишот ва суд инкор менамуд. Ӯ изҳор менамуд, ки ҳукуматдорон бар зидди ӯ «фармоишро иҷро мекунанд». 20 ноябри соли 2009 ташкилоти байналхалқии ҳуқуқҳифзкунанда Хюман Райтс Вотч талаб кард, ки парвандаи ҳуқуқшинос аз сари нав ва боадолатона дида баромада шавад.

Ҳангоми азнавдидабарории парванда Рано Азимова, шоҳид аз ҷониби айбдоршаванда, ва худи айбдоршаванда арз намуданд, ки «дар парванда қалбаккории ҳуҷҷатҳо ҷой дошт…, вале суд (зиннаи аввал) инро ба назар нагирифт».

«Аризадиҳанда Содиқбекова иқрор шуд, ки ба Мухторов пулро ба сифати пора надодаст, бинобар ин, моддаи айбдоркунӣ ба порадиҳӣ тасдиқ нашуд», – нақл кард Олег Сарапулов, намояндаи Алянси Ҳуқуқҳифзкунанда.

# БАРОИ ҲУҚУҚҲИФЗКУНАНДАГОН ДАР ТУРКМАНИСТОН ҶОЙ НЕСТ

*Кормадони IWPR дар Осиёи Марказӣ*



Хабарнигорони NBCA нигаронӣ аз он доранд, ки қонуни нав оид ба муҳоҷират метавонад танҳо озодии ҳаракати шаҳрвандони Туркманистонро маҳдуд гардонад.

2 декабр президент Гурбангулы Бердимуҳамедов қонуни «Оид ба хадамоти муҳоҷиратии Туркманистон»-ро ба имзо расонид.

Ҳуҷҷат чунин навовариҳоро ба монанди дар ихтиёр доштани қӯшунҳои хусусӣ, ки хизмат дар он ба хизмати фаврӣ баробар карда мешавад; ӯҳдадор намудани хадамоти муҳоҷиратӣ барои назорати шиносномавӣ дар нуқтаҳои посгоҳӣ, ки пештар бар дӯши сарҳадчиён меистод, ба низом медарорад. Ҳуқуқшинос аз Ашқобод диққатро ба моддаи 14-уми қонун ҷалб намуд, ки мувофиқи он хадамоти муҳоҷиратӣ салоҳияти фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯиро соҳиб мегарданд, ва қайд менамоянд, ки дар ин ҷода бояд мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти амниятӣ машғул бошанд. «Хадамоти муҳоҷиратӣ дигар вазифаҳо дорад. Аз ин бармеояд, ки боз як мақомоти қудратӣ пайдо шуд?» – ба ҳайрат меояд ҳуқуқшинос.

Қаблан кори мақомоти муҳоҷиратӣ бо дастурҳо ва санадҳои меъёрии идоравӣ ва қонун «Оид ба муҳоҷират», ки соли 2005 қабул шуда буд, танзим карда мешуд.

Воқеанигорон изҳор менамоянд, ки айни ҳол хадамот хеле сахтгирона фаъолият менамояд. Бо фармоиши даҳонии ҳукуматдорон дастурҳои махсус ҷорӣ менамояд, ки иқомати хориҷиёнро дар Туркманистон ва ҳаракати шаҳрвандонро маҳдуд менамояд.

«Хадамоти муҳоҷиратӣ дорои ҳокимияти номаҳдуд аз болои одамон дорад ва «рӯйхатҳои сиёҳ» тартиб дода, дар он ҳар шахси (нолозимро) дохил мекунанд, – ба ғазаб меояд яке аз сокинони Ашхобод, ки чанд сол пеш ба рӯйхати шахсони ношоиста ва ҳуқуқи сафар кардан надошта ворид шуда буд. – Ва ҳеҷ гоҳ намефаҳмед, ки барои чӣ ин кор рӯй дод. Онҳо ҷавоб намедиҳанд».

Тоҷигул Бегмедова, сардори Хазинаи Хелсинки дар Туркманистон оид ба ҳуқуқҳои инсон аз Булғория, ишора менамояд, ки барои амалигардонии қонуни нав дар таҷриба, хадамоти муҳоҷиратиро лозим меояд, ки шакли кори худро аз нав дида бароянд.

«Дар қонун гуфта шудааст, ки хадамоти муҳоҷиратӣ «дар шароити ошкорбаёнӣ амал менамояд», вале дар асл ин тавр нест, – мегӯяд Бегмедова. – Банди дигар мегӯяд, ки «шаҳрвандони барои гумонбаршавӣ дар содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба масоили муҳоҷират дастгиршуда ва ба ҳабс гирифта шуда, ҳуқуқ доранд, аз кормандони Хадамоти муҳоҷиратӣ оиди маҳдудшавии озодӣ ва ҳуқуқҳои худ маълумот бигиранд». Дар ҳақиқат бошад, шаҳрвандоне, ки бо мушкилии сафар кардан дучор шудаанд, ягон гуна маълумот гирифта наметавонанд, ки чаро сафари онҳо манъ карда шудааст». Зимни нишондоди ҳуқуқифзкунандагон, дар «рӯйхатҳои сиёҳи» шахсони маҳдудардашуда то ҳабдаҳ ҳазор одам дохил карда шудааст – ин рӯзноманигорони мустақил, шаҳрвандони фаъол, аъзоёни ташкилотҳои ҷамъиятӣ, хешовандони оппозитсионерон ва дигар шаҳрвандони «гумоннок» мебошанд.

Ҳар касе аз ин рӯйхат агар аз кишвар бо сабабҳои шахсӣ ё хизматӣ баромадан хоҳад, дар дидбонгоҳи сарҳадӣ дар фурудгоҳ боздошт карда шуда, аз рейс гирифта мешавад.

Тобистони гузашта чунин қисмат аксари донишҷӯёни мактиби олии хориҷиро, алалхусус, онҳоеро, ки дар Донишгоҳи Амрикоӣ дар Осиёи Марказии дар шаҳри Бишкек-пойтахти Қирғизистон ҷойгиршуда, таҳсил мекунанд, насиб гащт. Ба онҳо пас аз таътил тарк кардани Туркманистон барои давоми таҳсил манъ карда шуд. Сабаби аслии аз ҷониби ҳукуматдорон вайрон кардани ҳуқуқ барои озодии ҳаракати донишҷӯён то ҳол номаълум аст.

Воқеанигорон дар бораи ҳодисаҳое нақл карданд, вақте оилаҳои туркман бо сабаби маҳдудиятҳое, ки хадамоти муҳоҷиратӣ барои ҳаракати хешовандони наздик бо сабабҳои номаълум ҷорӣ намудааст, ҷудо мешуданд.

«Бисёр вақт хадамот шиносномаро барнамегардонад (барои гирифтани ҳуҷҷатҳои сайркунӣ супоридашуда), ё то даме нигоҳ медоранд, то мӯҳлати амали он тамом мешавад, сипас, бо баҳонаи он ки шиносномаро сари вақт нагирифтем, одамро бе ҳуҷҷат мегузоранд», – нақл кард яке аз нозирон дар Ашхобод.

Чунин ҳодиса бо як оилаи ашхободӣ рӯй дод, вақте шавҳар бо шиносномаи мӯҳлаташ тамом шуда ба ватани таърихии худ Арманистон баргардонида шуд ва ҳамсараш чандин сол аст, ки бенатиҷа ба ҳаргуна муассисаҳо шикоятҳо менависад.

«Инҷо ӯро (шавҳарашро) намемонанд, хадамоти муҳоҷиратӣ, шӯрои президентӣ (Комиссия дар назди президент оид ба дидабароии шикоятҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ба маткбуҳои ман ҷавоб намедиҳанд, додгоҳҳо бошанд, аризаҳои маро қабул намекунанд», – нақл мекунад зан.

Қонуни нав фаъолияти мақомоти муҳоҷиратро муъҷам ва салоҳияти онҳоро танҳо дар рӯи коғаз аниқ ба низом меда рорад, қайд мекунанд воқеанигорон, вале тағйиротҳои аслӣ дар кори мақомоти муҳоҷиратиро интизор шудан нашояд.

«Дар кишвари мо тез-тез қонунҳои нав қабул мекунанд, вале кӣ онҳоро иҷро мекунад? – суол медиҳад воқеанигори NBCA. – Ин қонун боз ҳам ҳуқуқҳои бештар медиҳад, ки онҳо моро таҳқир намоянд».









**Institute for war & peace reporting**
48 Gray's Inn Road
London,WC1X 8LT,UK
Tel: (44 20) 7831 1030
Fax: (44 20) 7831 1050
Web: www.iwpr.net
E-mail: info@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон**
Ҷумҳурии Қирғизистон
ш. Бишкек, 720017
к. Тоголок Молдо, 18-2
Тел.: + 996 312 66 44 53, 61 38 70
Факс: + 996 312 61 38 70
E-mail: iwpr.kyrgyz@iwpr.net



**Намояндагии  IWPR дар Ҷумҳурии Қазоқистон**
Ҷумҳурии Қазоқистон
ш. Алмато, 050000
к. Казыбекби, 50
2 ошёна, офис 84
Тел.: +7 727 272 59 03, 272 64 21, 272 68 90
E-mail: iwpr.kazahstan@iwpr.net



**Намояндагии IWPR Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734003
х. Рӯдакӣ, 137, «Тоҷикматлубот», 6 ошёна
Тел.: + 992 372 24 70 26
Тел./Факс: + 992 372 24 70 51
E-mail: iwpr.tajikistan@iwpr.net

IWPR ба мундариҷаи мақолаи мазкур масъул аст ва он дар ягон ҳолат нуқтаи назари кишварҳои Шӯрои Аврупоро инъикос наменамояд.